САНО

# ПАЙРОҲАИ ТАҚДИР

Душанбе
«Адиб»
2016

ББК 84 Тоҷик 7-5
С-35

Муҳаррир *Сафар Амирхон*

С-35 **Сано (Санавбари Солеҳ).**
**Пайроҳаи тақдир** *(маҷмӯаи шеърҳо).*
– Душанбе, «Адиб», 2016. 136 саҳ.

Санавбари Солеҳ пайроҳаи насибгардидаи тақдирро бо саъйи дурусту азми комил тай намуда, роҳу воситаи кушоиши розҳоро зери пардаи асрор меҷӯяд ва дар ин роҳ розу ниёзи ӯ сипанди болои миҷмарро мемонад, ки аз роҳи мушкил гузар карда, мақсади дар шебу фарози рӯзгор дарнамонданро дорад.

ISBN 978-99947-2-445-1

© Санавбари Солеҳ, 2016

# ГУЛРЕЗИ ХАЁЛ

*(ғазалҳо)*

* * *

Дил аз ҳарфу суханҳои ту кӯдакворк мегиряд,
Даруни хонаи чашмони ман дидор мегиряд.

Ҳар он чизе, ки аз ту ёфтам, эй бевавои ман,
Ҳама дар пеши пои ту қаландарвор мегиряд.

Дилам гар хотиратро як сари мӯе биозорад,
Аз ин кори хато бо ғуссаи бисёр мегиряд.

Агарчи тарки ёрӣ кардию фурсат маро танг аст,
Ба ҳоли зори мо дунёи пурасрор мегиряд.

Нарафтам ман ба ин роҳе, ки он ҷо нақши пои туст,
Ба нақши пои ту себаргаю гул зор мегиряд.

«Муҳаббат чист?» Мепурсӣ гаҳе, номеҳрабони ман,
Ба лабҳои хамӯши ман бубин, озор мегиряд.

Агар ин олами ҳастӣ басе саҳлу хато дорад,
Барои шоири ошиқ хати ашъор мегиряд.

Бирав, эй дил, агар як лаҳзае меҳмони мо будӣ,
Бирав, охир, зи кирдорат дару девор мегиряд.

* * *

Ёр Раб! Ба дӯши ёр чӣ бори гарон шудам,
Дар умқи баҳри ғуссаи дунё ниҳон шудам.

Ашкам нигар, зи новаки мичгон саро мада,
Чун тир саркашида судур аз камон шудам.

Сад оҳу нолаҳо зи ғамаш гуфт андалеб,
Булбулсифат ба чоҳи ғами гул чунон шудам.

То кай ба қалб ханҷари ишқи ту мезанад,
Пурдоғ лолаам, ки зи дил хунчакон шудам.

Хуне, ки рехт аз дили ман, лолазор шуд,
Дар оташи ғамат бифусурдам, хазон шудам.

Шаб чодари сиёҳи ғам афканда бар сарам,
Маҳ будию ба даври ғамат осмон шудам.

Устоди мо ба мо чу наомӯхт ҳарфи ишқ,
Бо дарди ишқ сӯхта, сатри равон шудам.

Акнун равам ба коми хамӯшӣ бо ёди ту,
Зеро зи ҷабру ғуссаи ту нуктадон шудам.

Н-афкан ту оташем ба ин домани ҳарир,
Бингар, ки ман ба доғи ғамат чун аён шудам.

Гуфтам, расам ба пирию тарки ғамат кунам,
Бо ёди ту дар оғуши пирӣ ҷавон шудам.

Бошад, ки Сано, тавбаи ту растагор шавад,
Кардам фирор аз худу безори ҷон шудам.

* * *

Маро ин бозии дунё гаҳе мушкил ҳамеафтад,
Мисоли моҳие, к-аз об дар соҳил ҳамеафтад.

Ғубору дарди ин дунё ба тан чун мор мепечад,
Ғаму андӯҳи ин олам ба дӯши дил ҳамеафтад,

Магӯ аз пешхезиҳо суханро аз баландиҳо,
Гаҳе ин худписандиҳо туро ботил ҳамеафтад.

Шикан ту деви нафсатро, марав аз пушти дорой,
Гаҳе ин аспи заркокул ба чоҳи гил ҳамеафтад.

Бибӯсам хоки поятро, туро эй хоҷаи зебо,
Чаро бар марди ботақво зани ҷоҳил ҳамеафтад?!

Падар парвард бо сад ноз нахли меваи боғаш,
Басе ин гуна заҳматҳо, ки беҳосил ҳамеафтад.

Махур ту фанди оламро, ки бозори ҷаҳон гарм аст,
Муфоҷомарг ҳам дорад, туро қотил ҳамеафтад.

Хароботи дили мо мешавад аз адлу дод обод,
Ҳамон мулке шавад хуррам, ки шаҳ одил ҳамеафтад.

* * *

Дило, ҳамсуҳбати он бош, к-ӯ қадри сухан донад,
Фироқи боғ танҳо булбули ширинсухан донад.

Забонам лол мемонад, ки гӯям бо ту розамро,
Яқин, сӯзи дили зорам қалам беҳтар зи ман донад.

Маранҷ аз дидаи кӯтоҳбину чашми биное,
Куҷо ҳар қалби бедарде азоби сӯхтан донад?!

Чу шаъме сӯхтам андар фироқи рӯи парвона,
Вале сӯзи ғами моро фақат ин ҷону тан донад.

Чӣ бояд сохт захмеро, ки аз заҳри забон бошад,
Шавам қурбон ҳамонеро, ки қадри хештан донад.

Намемирам, агар бо сози ишқат ҳамнаво бошам,
Азоби кандани ҳар ҷӯйи обе Кӯҳкан донад.

Ман он бодам, зи танҳоӣ ба ҳар кунҷе парешонам,
Насими анбарафшони маро аҳли Хутан донад.

Ба рӯзи марги ман ҳаргиз марезон ашки чашмонат,
Ки баъди мурданам ҳоли маро гӯру кафан донад.

Аламҳои ғарибӣ дар ҷавонӣ мекунад пирам,
Азоби шоми ғурбатро каси дур аз Ватан донад.

Чӣ созам бо пару боле, ки он бишкаста мехонанд?
Куҷо парвоз бинмоям, ки марде қадри зан донад?!

* * *

Зи хазони тирамоҳам нафаси баҳор ояд,
Ба китоби эътиқодам гунаҳи ҳазор ояд.

Нахурам ҳасад ба оне, ки худо-ш беш дода,
Ба заифи паршикаста ками рӯзгор ояд.

Наравад маро зи хотир ҳама лаҳзаҳои мушкил,
Ба далели ишқи покам ба дилам хумор ояд.

Накунам «саховатеро», ки маро раво ту дидӣ,
Дигар ин риёи ботил ба дилам чӣ кор ояд?!

Ба Худои тифлаконам, ба дуои субҳу шомам,
Аҷабо, ки бахти аввал ба суроғи ёр ояд.

Ба умеди рӯзи дигар ба ту эътиқод кардам,
Ки ба рӯзи тангу сахтӣ бувадо, ба кор ояд.

Накунам ба кас шикоят ба алайҳи гуфтаҳоят,
Чӣ кунам ғами ду олам, ки худ ихтиёр ояд.

Магузор қарзи худро ба сари асои пирӣ,
Кадами мубораки мо ҳама дар шумор ояд.

* * *

Зи ту Хуршед кай хоҳам, маро шамъи дилам кофист,
Сарои подшоҳ аз ту, ҳавои манзилам кофист.

Надорам тоқати сӯзи дили ҳиҷрони ёронро,
Чӣ ранҷе додаӣ моро, ҳамин дарди дилам кофист.

Миёни баҳри маъниҳои илми ту шино кардам,
Ба гирдоби ту дармондам, канори соҳилам кофист.

Сухангӯён ҳама дар маҷлиси дарёдилон ҷамъанд,
Чӣ созам бо ғами дурӣ, маро ин маҳфилам кофист.

Чаро, эй ростӣ, хуни диламро мехурӣ доим?
Амон аз ростии шум, дурӯғи ботилам кофист.

Зи чоҳи ғам шунидам нолаю фарёди Юсуфро,
Ба пайвандони худ гӯям, ки хоре дар гилам кофист.

Чу бенуқсе надидам ҳусни рӯи моҳи оламро,
Чӣ созам рӯи зеборо, маро ҳусни қалам кофист.

Бидеҳ файзе барои мардуми нодору бечора,
Қаноат пеша кардам ман, маро ин ҳосилам кофист.

Ҳавасҳои дили ман, дур шав аз меҳри ин дунё,
Маро сарводаи сабзу ду байти комилам кофист.

* * *

Эй дил, хабар надорӣ, ёр аз макони ман рафт,
Бе узру бе баҳона аз ошёни ман рафт.

Кӯҳест бори ҳиҷрон болои шонаҳоям,
Моҳи шабони торам аз осмони ман рафт.

Шаҳду шакар ниҳодам андар сарои ишқаш,
Ман хуби ӯ будам, лек хуби ҷаҳони ман рафт.

Сӯзи ғами фироқаш оташ бизад ба ҷонам,
Нуру навиди будан аз ҷисму ҷони ман рафт.

Бо ҳарфи дилфиребаш дилро зи ман рабуда,
Истораи муҳаббат аз каҳкашони ман рафт.

Бо шеър баркашидам вазни арӯзи розаш,
Аз дафтари ниёзам ҳусни баёни ман ман рафт.

Афсӯси лаҳзаҳое, бо сӯзи ғам сипар шуд,
Ғам пир шуд, валекин умри ҷавони ман рафт.

* * *

Шӯру исёни дигар дорад дили афгори ман,
Оташи ҳиҷрон гирифта хирмани гулбори ман.

Боди шабранги сиёҳи ғам, ки оғӯшам намуд,
Мерабояд сабр аз дунёи пурозори ман.

Эй, ки мепурсӣ зи андӯҳи парешони дилам,
Кошкӣ, дониста будӣ омили озори ман.

Накҳати ёди накӯе мевазад, аммо чӣ суд?
Менабиншинад ба домони гули бехори ман.

Зулмати шабҳои танҳоӣ асирам кардааст,
Ку азизе, ки бигӯяд, «Ёр омад, ёри ман!»

Шаб ҳама шаб интизорам, то ки бошӣ дар барам,
Эй ягона равшании дидаҳои чори ман.

Ҳайф аз умре, ки бе ту бигзарад доманкашон,
Мерасӣ вақте, хуморам нест, эй хаммори ман!

* * *

Ман замоне аз канори кӯҳу дарё меравам,
Бо дили ошуфта ҳамчун боди саҳро меравам.

Хотират озурда бошам, лутф бинмою бубахш,
З-он, ки бедорам ва ё дар банди рӯъё меравам.

З-ин ҷаҳони пур зи савдову садову шӯру шар
Ман хамӯшу сокиту бе шӯру ғавғо меравам.

Дӯсте пайдо нашуд моро дар ин дори дудар,
Омадам танҳову акнун боз танҳо меравам.

Хоб дидам зиндагиро – аз ту буд, аз ман набуд,
Аз куҷое омадам ин ҷо, ҳамон ҷо меравам.

* * *

Гули ёсам шукуфад, боз туро меҷӯям,
Дар намозам шаби пурроз туро меҷӯям.

Баски ҳар рӯзу шабон бори ғами туст ба сар,
Эй ки анҷомию оғоз, туро меҷӯям.

Шабнами баргаки гул қатра зи миҷгони ман аст,
Чун туӣ мунису ҳамроз, туро меҷӯям.

Ту, ки оҳанги дили сӯхташайдои манӣ,
Ман дар он чангу найу соз туро меҷӯям.

Ҷаҳд бисёр буду қуфли қафас боз нашуд,
Туи ангезаи парвоз, туро меҷӯям.

Кӯр шуд чашми ман, эй гулбадани атрсиришк,
Бо ҳамин дидаи дил боз туро меҷӯям.

Эй азизам, ту бирав, пурс зи ҳоли дигарон,
Ки чаро боз туро, боз туро меҷӯям?!

## ҒАЗАЛЕ БАРОИ МОДАР

Ҳарду ин олам фидои хоки пои модарам,
Қудрати дигар маро бахшад садои модарам.

Рӯзгорамро чу будӣ аввалин устод ӯ,
Ҷони худро менамоям ман фидои модарам.

Зиннати ҳар хонадону файзи умру рӯзгор,
Домани мо сабз гардад бо дуои модарам.

Гоҳ мегирад маро хуммори рӯи поки ту,
Талх мегирям бароят, то куҷоӣ, модарам.

Лаззати нону фатиратро надорад дасти ман,
Бонуи хушрӯзгору босахоӣ, модарам.

Сад гули худро барои боғи мо кардӣ хазон,
Зидагиро дӯст медорам барои модарам.

* * *

Зангӯлаи муҳаббати ин анҷуман туӣ,
Бӯи баҳор! Ҳар нафаси ҷону тан туӣ,

Оро ба ҳарфи хеш диҳам ман ҷамоли ту,
Уммеди қалбу шаҳди гули ёсуман туӣ.

Навбат куҷост бар дигаре, чун сарой ту,
Маҳфилнишину махзани шеъру сухан туӣ.

Субҳонаи ту бо караму ояи Худост,
Оре, ба сарви субҳи сафо пираҳан туӣ.

Илҳом дидам аз туву шармидаам зи хеш,
Майле ба қалби булбули дур аз чаман туӣ.

Афрӯхти ту машъали паймонаи вафо,
Сад нақши гул ба домани зебои зан туӣ,

Фарзонатар аз ин набувад ҳадяе маро,
Монанди муштарӣ сару сомони ман туӣ.

* * *

Навбаҳор аст, чу гул васф кунам рӯи туро,
Зиннати сарви қаду қомати дилҷӯи туро.

Боғи Фирдавс надорад чу туе сарви равон,
Боди хатлонӣ биёрвард ба ман бӯи туро.

Чашми ҷодуи туро сурмаи бодом хуш аст,
Сари ҳар байт ба тасвир кашам рӯи туро.

Қисмати мову ту дурӣ буда аз рӯзи азал,
То қиёмат бикунам ҷо хами абрӯи туро.

Атри пероҳани ту зеби шамидан дорад,
Бод овард, аё Юсуфи ман, бӯи туро.

Ман ҳамон ошиқи саргаштаи зулфони туям,
Ҳеч Монӣ накашад наргиси ҷодуи туро.

* * *

Хӯшае ночида ёди пораи нон мекунем,
Дӯстро озурда, аз танҳоӣ армон мекунем.

Шикваҳо дорем аз буду набуди зиндагӣ,
Баски гурги гушнаро бар галла чӯпон мекунем.

Худ ба худ чун шамъ месӯзему бо чашмони тар,
Сӯзи дил бори нигоҳу тири мичгон мекунем.

Лошахоронро ҳама дар осмони дида чо,
Шоҳини маҷрӯҳро занҷиру зиндон мекунем.

Хайру хубиро набитвонем дар роҳи Худо,
Гоҳ- гаҳ деву дадеро Ҳотам эълон мекунем.

Ҳар чӣ як бегона гӯяд, хуш пазиро мешавем,
Майли кам бо гуфтаҳои ошноён мекунем.

Дӯстро нодида, бо душман ҳамово мешавем,
Тоҷи имон бар сари холии нодон мекунем.

Мисли ҷав худро фиканда зери санги осиё,
Айбро бар гардани гардуни гардон мекунем.

Роҳи тавфиқ ин замон аз мо чӣ дур афтодааст,
Бори гумроҳӣ ба дӯши давру даврон мекунем.

Эй Сано, аз зулмати нодонӣ мебояд гурехт,
Кай талоши илму ирфони ниёгон мекунем?!

* * *

Эй ишқ, маранҷон ту дили хастаи моро,
Аз хонаи дил дур намо ҷабру ҷафоро.

Султони ҷаҳон ишқи гадо кай бинавозад,
Эй ваҳ, чӣ хуш аст, ар бинавозанд гадоро.

Имрӯз агар санги ғам ояд ба сари ман,
Дигар накунам дар гуҳари хеш хаторо.

Оне, ки туро буд шабу рӯз харидор,
Ҳаргиз накунад ёди дили поки шуморо.

Оҳанги муҳаббат нанавозад лаби хомӯш,
Н-омӯхта он ҳеҷ гаҳе сабки наворо.

Ашкам, ки ба пеши қадамат рехт зи нова,
Ҳайф аст бимонӣ ба замин он кафи поро.

Гуфтам, ки ба ҳар лаҳза вафодори ту бошам,
Ҳайфо, ки намедонӣ ту ҳар сидқу сафоро.

Ё Раб, ту бимон рози дили хеш бигӯям,
Дар нимашабон ёди тую дасти дуоро.

Эй ташнадило, об махӯр аз хуми ҳиҷрон,
Гурзи ситамаш рехта хуни дили моро.

❊ ❊ ❊

Диламро боди ғам бар дасти сармои зимистон дод,
Ҳавасҳои маро бар дӯши раъду ашки борон дод.

Сабурӣ гар бихоҳӣ, сирри санги хора меомӯз,
Ки хоҷа бо хати тақдири мо ҳар гуна фармон дод.

Бихон аз қиссаи Юсуф фиғону ҳаҷри Яъқубӣ,
Ба ин тахти Сулаймону ба он ғурбат ба Канъон дод.

Ба вақти банди мушкилҳо машав муҳтоҷи мушрикҳо,
Бубин, ин гуна қудратро, ба хоке рӯҳу ҳам ҷон дод.

Зи ранҷу сӯзи рӯи гул бинолад то саҳар булбул,
Чунин дарси дилозорӣ ба гул ин хори печон дод.

Шикан оинаи мастӣ, бишав ошиқ ба ин ҳастӣ,
Калиди ҳар ду оламро даруни саҳфи Қуръон дод.

* * *

Ошиқонро зиндагӣ бе дурру гавҳар хуш бувад,
Дилбаронро ишқ бо як лолаи тар хуш бувад.

Сар ба рӯи шонаат монам, бигирям бо алам,
Байни мо донӣ магар, ки боз бовар хуш бувад.

Ман парастуям, наменолам чу булбул бо садо,
Ҳарфи бефарёди моро рӯи дафтар хуш бувад.

Чашми шаҳлоро чӣ ҳоҷат сурмаи Мисру Яман,
Зодаи ҳусни расо бе зарру зевар хуш бувад.

Шишаҳо дар панҷаи ғам гашта гунганду хамӯш,
Шишаи майгуни моро дасту соғар хуш бувад.

* * *

Шишаро аз соғари пурмай ҷудо кардам, нашуд,
Мавҷро аз соҳили дарё раҳо кардам, нашуд,

Аз хати ҳар мавҷи соҳил қиссаҳо хондам, вале
Қиссаро аз гӯшаи хотир садо кардам, нашуд.

Хостам ҳар як намозамро бихонам бе қазо,
Фарзро бе суннати ҳазрат раво кардам, нашуд.

Хотирамро дидаи рӯшан ба торикӣ рабуд,
Сад вафоро ман фидои як риё кардам, нашуд.

Гуфта будам, ки дигар бо ту намемонам, дареғ,
Муйро аз шонаи қисмат, ҷудо кардам, нашуд.

Гуфта будам, тарки ишқу тарки ёдат мекунам,
Ақлро аз гуфтаҳои дил раҳо кардам, нашуд.

Гесувони ишқ буда сарнавишти мову ту,
Риштаро аз сӯзани қисмат ҷудо кардам, нашуд.

То ҳанӯзам тири ғам боқист дар кунҷи дилам,
Чун камоне дар ғамат худро адо кардам, нашуд.

Кӯр мебудам, намедидам ғами дори куҳан,
«Хоки поятро ба чашмам тӯтиё кардам, нашуд».

Бегуноҳеро надидам бо ҳама покиниҳод,
Ишқро аз домани ошиқ раҳо кардам, нашуд.

* * *

Монд дар равзанаҳо ёди висоли ману ту,
Шишаи ишқ буридаст хаёли ману ту.

Аз тапишҳои дили сӯхта ман пурсидам,
Посухи рост набудаш ба суоли ману ту.

Бо парастуи хаёли ту чу парвоз кунам,
Амри тақдир бибандад пару боли ману ту.

Шиква аз ҷуғзи фалак кард яке булбули маст,
Ҳофизи ишқ кушояд ҳама фоли ману ту.

Соғари ҳастии моро набувад васли дигар,
Душманон санг заданг рӯи сафоли ману ту.

* * *

Меписандам як ду чизи хосро,
Накҳати баргу гули гелосро.

Ёди хайри умматони рафтаро,
Илтифоти Алҳаму Ихлосро.

Эй даравгар, як даме сокит бишав,
Бар сари ҳар гул маяфган досро.

Ҳоли зору қатраи ашки ятим,
Мехӯрад хуни дилам эҳсосро.

Эй писар, ҳоли дили модар бипурс,
Дур кун аз сар ғами меросро.

Аҳдро бо мардуми коно мабанд,
Санг бар сар зан саги ваққосро.

Кунҷи зиндон рафт Юсуф бегуноҳ,
Рад намуда домани ифлосро.

Мешавад моҳи мунир оне, агар
Пешаи худ мекунад ихлосро.

* * *

Зи пешам пардаи асрор бигзашт,
Зи дастам домани он ёр бигзашт.

Дареғ аз омаду аз рафтани мо,
Ки рӯи раставу бозор бигзашт.

Сабо омад, зи ҳоли ӯ бипурсид,
Бигуфтам, хастаю бемор бигзашт.

Замоне гул зи ҳуснаш лоф мезад,
Чу дидам гул ба дасти хор бигзашт.

Амон аз фитнаю исёни дунё,
Пайи афкори безинҳор бигзашт.

Ҳазар аз хӯрду хоби рӯзи рафта,
Зиёдаш бо гапу гуфтор бигзашт.

Ман аз ҷинси латифи зан бинолам,
Ба баҳсу каҳру рашки ёр бигзашт.

Баҳори гулфишони боғи умрам
Дили нохоҳаму ночор бигзашт.

Асоси ишқи мову ту ҳавас буд,
Чу гаштам ошиқат, хуммор бигзашт.

* * *

Диле дорам, дили дарё надорад,
Ғаме дорам, ки ин дунё надорад.

Зи ҳаҷрат мекашам ранҷи ҷудоӣ,
Ки дарде дар дилам маъво надорад.

Дарахти ишқи ту аз нахли хор аст,
Мисолашро дили саҳро надорад.

Ба гирдоби бало ғӯтидам, охир,
Ба ғайр аз хонаи ғам ҷо надорад.

Ба кунҷи синаам ғам реша карда,
Чаро ёрам хаёли мо надорад.

* * *

Нек бингар, дар раҳи қисмат чиҳо додам туро,
Ғурбат андар ҷои шодию вафо додам туро.

Сарвро зебида ин гулпираҳан аз ростӣ,
Аз дурӯғи сард гармӣ муҳтаво додам туро.

Юсуф аз домони покаш бандии зиндон шуда.
Чун Зулайхо ман ҷазои нораво додам туро.

Сарнавишти ишқи мо гӯё, ки худ афсона буд,
Буд ҳамин, ки ман ба доми сад бало додам туро.

Рашк байни панҷаи пӯлодии пуроташаш
Дод моро тобу ранҷи ғуссаҳо додам туро.

Дар шаби поиз як боре суроғам омадӣ,
Дар шумори ин суроғат сад хато додам туро.

Сӯхтанро з-оташи ишқи ту ман омӯхтам,
Дар миёни гулхани он гӯй ҷо додам туро.

❊ ❊ ❊

Тарки ишқу тарки дунёи ситамгар мекунам,
Тарки сӯзу созҳои қалби миҷмар мекунам.

Умри ширин зери бори ғуссаву ғамҳо гузашт,
Хуни дил хӯрдам басе, ман тарки соғар мекунам.

Шуълаи уммеди ман то ҷовидон поянда бод,
Кулбаамро бо чароғи дин мунаввар мекунам.

Рафтаӣ, пас ҳеҷ дигар бар суроғи ман маё,
Киблаи ман гар шавӣ, рӯ сӯи дигар мекунам.

Гуфтамат бовар намо бар аҳду бар имони ман,
Боварат на? Пас бирав! Ман тарки кофар мекунам.

Борҳо гуфтӣ ҷазои ту ҳамин, эй носазо,
Такя бар ҳар саҷдаи Аллоҳу Акбар мекунам.

Кош, донӣ, то чӣ сон ман дӯст медорам туро,
Аз ғазал гулрезаҳо баҳри ту пар-пар мекунам.

Борҳо гуфтам, сабурӣ мекунам, аммо нашуд,
Косаро пур аз шароби ҳавзи Кавсар мекунам.

Эй, Сано, аз фитнаи нокас нигаҳ дорад Худо,
Такя бар меҳру вафои вақту довар мекунам.

* * *

Дилам дар кӯчабоғи зиндагӣ танҳост, медонӣ?!
Хаёлам банди кӯи ёри бепарвост, медонӣ?!

Парасту бо тамоми меҳр созад лонаи уммед,
Миёни лона ҳолам чун каси танҳост, медонӣ?!

Баҳорам дар хумори оразат хушку хазон гардид,
Даруни сина оҳам нолиши дарёст, медонӣ?!

Ту будӣ ҷому ман соғар, шикаст он шишаи бовар,
Вале ишқи ту кунҷи сина побарҷост, медонӣ?!

Туро, ки сардтар аз моҳи баҳман гашта ишқи ман,
Маро ин зиндагӣ бо ишқи ту зебост, медонӣ?!

Бирезам ҳамчу борон рӯи гулҳо ашки ҳасратро,
Ки доғи сина ҳамчун лолаи саҳрост, медонӣ?!

Намемирам ба сад соле, дубора ошиқам гардӣ,
Тафови ҳаққи Акбар дар диле орост, медонӣ?!

Ба армонҳои дил ҳарчанд додам эътибори беш,
Вале Эзид насибам дода ончи хост, медонӣ?!

* * *

Соғаре аз дасти соқӣ бишканад гар, бок нест,
Шӯри пешонии одам бо гуноҳи хок нест.

Об дар ҷоми сафол аз ҷоми зар ширинтар аст,
Бештар аз ҳарфи ширин доруе тарёк нест.

Бахт аз ҳусни чу моҳи нозанин вобаста нест,
Аз само истора афтад, айб дар афлок нест.

Кӯза аз умқи дили дарёдилон нӯшидааст,
Оби ангур маст созад, бо туфайли ток нест.

Шавқу шӯри кӯдакӣ ку дар дили реши ятим?
Ғайри қалби чоки ӯ як синаи ғамнок нест.

Пеши оне, ки надонад қадри худ, андоза дор,
Ё зи авлоди ҳасуд аст ӯ, варо идрок нест.

Эй Сано, дар чеҳраи ҳар моҳрӯ айбе маҷӯ,
Ғайри Субҳону Расул дар ҳарду олам пок нест!

* * *

Ҳанӯз дар ниҳоди ман ҳамон нигоҳи оташин,
Ба гӯши дил шунав маро, ту эй азизи беҳтарин!

Шамими гесуи маро маҷӯ зи болиши дигар,
Тасовири туро кашам ба рӯи барги ёсамин.

Ба риштаҳо чӣ дӯхтам, ба ёди ту бисӯхтам,
Ба ин васила хешро намудаам ба ту қарин.

Шикаст ҷоми боварӣ ба зери панҷаҳои рашк,
Ман он шароби сархушам, ту рехти-ш бар замин.

Баҳор дар канори ту чу фасли поизам гузашт,
Чӣ армуғон бидодиям аз он баҳори охирин!

Ситораҳои осмон, ки шоҳиди ҳақиқатанд,
Бигиряд осмони бахт қатори ашки вопасин.

Ба хоки ман гузар намо ба вақти сабзаю баҳор,
Зи лолаҳои аз фироқ дамидаам каме бичин.

Магӯ, ки дер омадӣ, ҳанӯз дар сафар будӣ?
Зи интизорӣ хастаам ту дар барам даме нишин.

Бубин, чӣ шод мешаванд фариштаҳо зи ҳоли мо,
Бигӯ, ки «Дӯст дорамат», ниёзи ман зи ту ҳамин.

Магӯ, ки ишқи ту кунун бимурд зери хоки сард,
Ман он шарори оташам, маро ба чашми кам мабин!

* * *

Ту мапиндор, ки ман отифаи бебокам,
Ман ҳамон гавҳараму бо ғами ишқат хокам.

Ту мапиндор, ки ман булҳавасу ноаҳлам,
Боварам дорӣ, ки чун қатраи борон покам.

Ту ҳамон панҷараҳои паси девори манӣ,
Ман ба даври тани ту печида ҳамчун токам.

Ту мапиндор, ки ман моили кӯи дигарам,
Мутмаинам, ки иҷозат надиҳад идрокам.

Ту мапиндор,ки бе ту зи ҷаҳон шод равам,
Ғами ту ҳамчу ғуборе бубарад афлокам.

Ту мапиндор, ки бо ин ҳама тарки ту кунам,
Ранҷи ту малҳаму ишқи ту шуда тарёкам.

Ту мапиндор зи ғам чашмаи илҳом хушкад,
То қиёмат ба садои дили дарё чокам.

❊ ❊ ❊

Бо бӯи ту гирам нафас, то ҳастаму то ҳастӣ ту,
Ошуфта созад хотирам, рашку итобу қасди ту.

Сармашқи ашъорам туӣ, фотиҳаи корам туӣ,
Дар рӯи авроқам кашам андӯҳи чашми масти ту.

Эй олами фарёдҳо, эй гӯшаи имдодҳо,
Моро ба тори гесӯи банди хаёлат бастӣ ту.

Мавҷам, ки рӯи соҳилат бемуттако дорад талош,
Тарсам, ки нобудам кунад тӯфону шӯру шасти ту.

Бар он Худои ман қасам, ман дӯст медорам туро,
Оташ надорад дуди ман мисли сигори дасти ту.

* * *

Бо он, ки намедонем мо қоидаи таҳвил,
Бо мазҳаби бегона ҳамроҳ шудан мушкил.

Ислом чу гардад хор, муъмин бишавад хунхор,
Байни галаи гургон рӯбоҳ шудан мушкил.

Рафтанд зи дасти марг ҳам шоҳу гадои даҳр,
Аз синаи гӯристон огоҳ шудан мушкил.

Дил бар карамаш биспор, якумр нагардӣ хор.
Бо айбу ками айём гумроҳ шудан мушкил.

То чанд гунаҳ ҷӯем, айби дигарон гӯем,
Аз ҷурму хатои хеш ислоҳ шудан мушкил.

Ҳар рӯз ба пеши ҷон сад навҳа кашад виҷдон,
Маҳбуби зи хосони Аллоҳ шудан мушкил.

Дар гӯшаи танҳоӣ, бо ин ҳама расвоӣ,
Бо чеҳрагулихандон чун моҳ шудан мушкил .

Гӯянд, Сано, ҳар дам печида машав бо ғам,
Бо дасти дарози ғам кӯтоҳ шудан мушкил...

* * *

Дар осмони шоми ту истораи камнур ман,
Дар пардаҳои чанги ту печидаву ноҷӯр ман.

Аҳди туро бишкастаам, ман нотавони хастаам,
Аммо ба ин озурдагӣ бо дарди ту ранҷур ман.

Ҳарчанд додам эътибор, дил рафта буд аз ихтиёр,
Андар намакдони ҳаёт як тикка лаҳми шӯр ман.

Осудаву озодарӯ ҳарчанд бинмоям ба чашм,
Эй шаб, ту оромам гузор, шамъе ба дасти кӯр ман.

Ман ташнаи шеъри тарам, илҳом бошад раҳбарам,
Дар соҳили дарёи ишқ моҳии дому тӯр ман.

Чун мурғи танҳои дара, маҳбуси пушти панҷара,
Ҳамсояи ҷуғзи ғариб паррандаи раҳдур ман.

То кай ҳамегирам алам аз дасту домони қалам,
Дар осмони шоми ту истораи камнур ман.

* * *

Бе ту дар боғи биҳиште дами беғам назанам,
Кӯҳи фарёдаму хомӯш, ба кас дам назанам.

Беди маҷнун, ки ба хоки қадамат саҷда кунад,
Сарвбунёд манам, пеши ту сар хам назанам.

Зиндагӣ чист? Ба бозуи ту сар мондану бас,
Ҳасанот аз будани бозуи Рустам назанам.

Хоки шӯридаи бо ашки қаламрост ғурур,
Ситами ишқи ту бар саҳфаи олам назанам.

Оташи ишқи ман аз сӯзи ту шуд хокистар,
Қалби ман мурда, вале навҳаи мотам назанам.

Тифли навзод чу омад ба ҷаҳон навҳакашон,
Тавқи инсонӣ ба ҳар гардани одам назанам.

* * *

Сар ба хоки қадаму пои ту монам, чӣ шавад?
Ишқ аз ҳарфи алифбои ту хонам, чӣ шавад?

Эй ситамгар, ту дигар таънаи ношукрӣ мазан,
Ҳамчу маҳтоб ба шоми ту бимонам, чӣ шавад?

Гунаҳам ин, ки ба ёди ту нафас мегирам,
Бе ту, эй фасли баҳор, баргу хазонам, чӣ шавад?

Зиндагӣ меҳвари маънию ту меҳроби ҳавас,
Саҷдаи шукр ба эҳдои ту монам, чӣ шавад?

Тарки мо кардаву домони дигар доштаӣ,
Пеши ағёр кунун сӯзи ниҳонам, чӣ шавад?

Рафтӣ аз мову нагуфтӣ, ки ту боре чунӣ?
Оҳ бар қасди фалак, қадри ту донам, чӣ шавад?

Ашки резон манаму дидаи пурхун туӣ, ту,
Баъди ту маънии сад байти равонам, чӣ шавад?!

❊ ❊ ❊

Саҳар мурғи дилам бо нағмаи ноҷӯр мегиряд,
Нигоҳам бо нигоҳи тифлаки ранҷӯр мегиряд.

Асо кай нотавон гардад ба рағми қисмати номард?
Вуҷудам бо тапиданҳои қалби кӯр мегиряд.

Дили дар ғурбати ман бо ҳавои ишқ бедор аст,
Сарои ман ба ёди дилбари раҳдур мегиряд.

Намудам қисса бар Маҳтоб эҳсоси заминиро,
Бигуфто осмон баҳри каси мағрур мегиряд.

Дилам танг омад аз кирдору найрангҳои номардон,
Ба ҳоли мурдагони зиндаи бегӯр мегиряд.

Ба рағми чашми камбинон, Сано, осудагӣ меҷӯ,
Расад рӯзе, ки нокас пеши ту маҷбур мегиряд.

* * *

То туро дорам, ҳадаф бошад барои буданам,
Марг ҳам, шояд, наояд аз барои бурданам,

Шикваҳо аз ишқ кардан нест дар оёти ман,
Ин ғазал бошад далели бо ту ошиқ буданам.

Роз кай гӯям ба оне фориғ аз ин мушкил аст,
Пайкари сангин ман аз кӯҳи таҳаммул меканам.

Боли парвозе надорам, то расам бар арши Ҳақ,
Чанд соле боқӣ монад то ба рӯзи мурданам.

Зиндагӣ – устоди комил, сабр дарси рӯзгор,
Пайкарамро дард сӯзад зери ин пероҳанам.

Равзани меҳробу эҳсосат ба рӯям бастаӣ,
Марг зӯру зиндагӣ душвортар дар гарданам.

Фарз донистам барои хеш ҳар нози туро,
Кардаӣ кӯтаҳзабон пеши рақибу душманам.

Баъди маргам «Нек ёдат!» гуфтани ту шарт нест,
Эй, ки дар олам пас аз холиқ вафодорат манам!

* * *

Баъди ман осори рангини маро,
Сояи аз ғусса ғамгини маро

Моли худ хону ба ҳар кӣ қисса кун
Рӯзҳои талху ширини маро.

Як ба як бишмурдаву ду ҳисса кун,
Баъди он аз ҳиссаҳо ту қисса кун.

Пас ту огаҳ мешавӣ аз ҳоли ман,
Чун шикастӣ ин пару ҳам боли ман...

Censored? No — Сояҳои ғам ба ту дар он замон...
Аз ғами ман баркушояндӣ забон.

* * *

Нагӯ, ки риштаи вафо зи кӯи ту гусастаам,
Ки аз чунин ишораҳо шикастаҷону хастаам.

Биё, работи кухнаро фару шукуҳи нав диҳем,
Сиришти сарнавишти худ ба дигаре набастаам.

Кабутари умеди ман, нарафта аз фазои ту,
Нарав, ки баъди рафтанат чу мурғи паршикастаам.

Чи гуна сабз мешавӣ канори нахли бесамар,
Биё, ки интизори ту чӣ солҳо нишастаам.

Барору бахт хоҳамат, ҳабиби бевафои ман,
Вафову аҳди хештан ҳануз ношикастаам.

Нагӯ, ки: Роҳи мову ту, ба сарҳади фано расид.
Нагӯ! Нагӯ: Ба дигаре вафову аҳд бастаам.

Чи гуна шодӣ мекунӣ, аз ин хазони ишқи ман,
Манам умеди зиндагӣ ҳамеша бо ту бастаам,
Ҳамеша бо ту бастаам!

* * *

Ман аз баҳори ҳар ҳавас, медон, намесозам гузар,
Ҳар ишқро роҳе ҷудо, аз ту дигар аз ман дигар.

Гар ту насозӣ боварам, бингар сукути ахтарам,
К-он аз нигоҳи чашми ту моро биканда болу пар.

Мекун ту ҷони худ фидо аз баҳри ёри бовафо,
Монанди ҳусни ёри худ ёде надорад чашми сар.

Аз ранҷҳои зиндагӣ асло насозам шиквае,
Аз лутф Яздонам бидод ду дидаро бо чашми тар.

Ман бо парастуи хаёл фосилаҳо дур гаштаам,
Гирён ба ҳоли ман шуда ин хонаву ин бому дар.

Бар рӯи барги ёсамин бинвиштаам бо хуни дил,
Ман зиндаам садсолаҳо бо ёди як гулбарги тар.

* * *

Садҳо ғазал фидост ба лутфу кироми дӯст,
Бинвис, хома, бо карами хеш номи дӯст.

Мо ҷумлагӣ ба дори дудар чун парандаем,
Рӯзе куҷо, ки ҷамъ шавем зери боми дӯст.

Умрам бисӯхт боди ғарибию бекасӣ,
Он ҷо шиносӣ маҳз, азизо, мақоми дӯст.

Моем ташналаб, бичаконам ту қатрае,
Хуштар шароб нест ба ҷуз шаҳди ҷоми дӯст.

Бошад Сано, ки байти ту вирди забон шавад,
Дилпораҳои байти тую эҳтироми дӯст.

* * *

Чун бод аз дунболи ту овора гардам кӯ ба кӯ,
Чун сабза дар ҷӯборҳо худрӯй гаштам ҷӯ ба ҷӯ.

Шояд,ки бо ишқи Худо созам туро аз худ ҷудо,
Он гаҳ ба қадрам мерасӣ, дигар нагашта рӯ ба рӯ.

Бо тангу тоби зиндагӣ, бо сад хатои бандагӣ,
Он гаҳ фаромӯшат кунам, монам туро дар чорсӯ,

Аммо миёни моҷаро дар ин сукути бесадо,
Чун шона бар гесӯи ту печон манам мӯи ба мӯ.

Борони ғам резад зи сар, фарёд, эй аҳли башар,
Шабҳо ба рӯи бистарам бе ту манам девонахӯ.

Ношукрӣ аз домони ман, аз соғари чашмони ман,
То кай чунин бераҳмиро донӣ раво, бар ман бигӯ.

Баъде, ки дар ботин маро эҳсоси ишқат пора шуд,
Мехону аз ашъори ман осори худ кун ҷустуҷӯ.

Аммо бидон бо содагӣ, бо кулфату афтодагӣ,
Рафтам ман аз дарбори ту, моро дигар будаст хӯ.

* * *

Эй дил, зи ёри бевафо танҳоӣ беҳтар будааст,
Дар сина ӯро ҷои дил санге зи мармар будааст.

Ҳар шаб биҷӯям аз само истораи ҳамрозро,
Дар хилвати шабҳои ман оне, ки ёвар будааст.

Бар ӯ надорам ихтиёр, умр аст лекин дар шумор,
Ганҷури мавлои дилам хатҳои дафтар будааст.

Мавқуф монда лоҷарам, санге зада бар соғарам,
Дастури меҳроби дилам киштии лангар будааст.

Дар каъбаи эҳсоси худ чун мурғи хаста зери по,
Паррандаи ишқу ҳавас беболу бепар будааст.

Аз бозуи буғзи хаёл имдод ҷустам зор-зор,
Афсӯс, буми шабравам ҳам кӯру ҳам кар будааст.

❊ ❊ ❊

Субҳи Наврӯз дамид, сайри чаман хост дилам,
Оорази лолаву Хуршеду суман хост дилам.

Гуфта будам, ки зи ишқи ту сухан накшоям,
Ёди он ишқи нахустини куҳан хост дилам.

Андалебон ҳама аз мулки дигар бозоянд,
Ёду дидори ғарибони Ватан хост дилам.

Рӯзи нав пайки наву тоза ба дилҳо дода,
Суҳбати ошиқи мафтуни сухан хост дилам.

Дилбарон бар хами абрӯ бикашанд усмаи тар,
Адрасе аз пари товус ба тан хост дилам.

Лолаҳоро бинигар, доғ ба дил ханда зананд,
Сайри ин гул ба сари кӯҳу даман хост дилам.

Гуфта будам, зи сарам ёди туро пок кунам,
Чун баҳор омаду ёди ту зи ман хост дилам.

* * *

Ҳастии модар ба фарзандони Одам давлат аст,
Меҳри модар дигару ҳамду санояш қимат аст.

Дасти модар гар расад бар бӯрё, сабзӣ дамад,
Домани модар биҳишту хандаи ӯ неъмат аст.

Бӯи модар мекунад ҳар буттаи гул дар чаман,
Пайсаеро сарфи модар сохтанҳо сарват аст.

Ҳайфи ранҷи модарони бенасиб аз эҳтиром,
Ашки модар бо хатои мо бирезад, даҳшат аст.

Хизматашро то замони буданаш овар ба ҷо,
Баъди ӯ хайри риёе сарф кардан бидъат аст.

Дил ба молу сарвати мероси модар кам бидеҳ,
Ҳар касеро нест моли рӯи дунё, ҳикмат аст.

Эй Сано, ҳар дам зи ҳоли модарат огаҳ бишав,
Рӯзи маҳшар ин нахустин имтиҳони уммат аст.

* * *

Гаҳе аз шуълаи Хуршед сӯзад хирмани гандум,
Вале аз фитнаи ботил бисӯзад хонаи мардум.

Миёни қавми шерон ҳам бувад шере, ки бораҳм аст,
Машав ғофил аз он рӯзе, ки ӯ ҳам мекушад бо дум.

Худоё, то ба кай ин ғурбати мулки дигар бошад,
Вале аз рӯи одат ҳар гаҳе неше занад каждум.

Баҳори мулки бегона чу поиз дар назар тобад,
Ҳамеша ёд меовар баҳори марзу хоку бум.

Парешон мешавам гоҳе чу гесӯ дар хаёли хеш,
Дило, ту об шав дар роҳи Субҳони азал чун мум.

Хати қисмат, ки пайвандӣ надорад бо хати ожанг,
Қадам бар рӯшноӣ мон, ки дар зулмат зани раҳгум.

Ба ҳар қимат бихар девони ашъори бузургонро,
Зи шӯри шеъри Мавлоно дурахшон гашт мулки Рум.

Зи лутфи беғараз арвоҳи Одам шод мегардад,
Иҷобат beштар гардад дуои кардаи мазлум.

* * *

Ба ту ман гуфта будам, лоиқи дидор наӣ,
Мезанӣ лофи вафо, лек вафодор наӣ.

Ба ту ман гуфта будам, ишқ чу қонуни Раб аст,
Лек бо ҳукми атогашта сазовор наӣ.

Оқилеро ғами ту ҷониби майхона кашид,
Эй, ки ғафлатзадаро ёру парастор наӣ.

Эй ҳакими сухан, аз теғи сухан ранҷурам,
Ки чаро бар дили бемор ту ғамхор наӣ.

Мон, ки бори ситаматро ба гадо бифрӯшам,
Ман аминам, ки аз ин мол харидор наӣ.

Сӯхти шамъи диламро ту ба найрангу риё
З-он ки бар оташи ин нур гирифтор наӣ.

❊ ❊ ❊

Дар олами зебои худ ҳусни ҷамолат мекашам,
Дар ахтаристони фараҳ ёди висолат мекашам.

Дидам, чу булбул дар чаман, аз гул шикоят мекунад,
Пеши дили исёниам бори хиҷолат мекашам.

Бори гунаҳ бар шонаам, бо ту дигар бегонаам,
То кай зи кирдори аду санги маломат мекашам.

Аз хештан ворастаам, бо дигаре дил бастаам,
Аз ранҷу доғи зиндагӣ дарди надомат мекашам.

Ҳузни ду чашмони ҳавас, банди гиреҳи дил шуда,
Эй хок бар сарсониям, бори залолат мекашам.

Деворҳои хонаам бигрифта ранги заъфарон,
Кунҷи сарои хештан, озори узлат мекашам.

Дар ҳар хати ожанги ман меҳру муҳаббат хуфтааст,
Бо килки миҷгони дилам нақши адолат мекашам.

* * *

Ҳар чӣ ман дорам, бароят сарфи дунё мекунам,
Қалби сангини турро аз оби тилло мекунам.

Кунҷи сина шуълаи ишқат умеди зиндагист,
Шояд умри дигаре баҳри ту пайдо мекунам.

Дур бошам аз канорат бо ҳама дилсардиҳо,
Дар вуҷуди сарди ту Хуршедро ҷо мекунам.

Рафтаанд аз ёди ту он ашкҳои талхи ман,
Ҷои ашки талх нури ишқ эҳдо мекунам.

Бо ҷасорат, бо матонатҳои ман бозӣ макун,
Дар вуҷудат оташи эҳсос пайдо мекунам.

Гар нахоҳӣ, меравам кунҷи хамӯшӣ, эй азиз,
Бо Худои хеш рози хеш ифшо мекунам.

Гар набошӣ дар канорам, дон, ки танҳо нестам,
Шӯри маҳшар аз ғами танҳоӣ барпо кунам.

Доруи қалби маризи зору сӯзонам туӣ,
Нолаи зоре аз ин эҳсоси танҳо кунам.

Ҳастии ман пеши ту аз тори мӯйе беш нест,
Қимататро нархи ҷону моли дунё мекунам.

* * *

Сукутам нола дорад дар шаби тор,
Муҳаббат аз ману ту дида озор.

Мани сода будам девонаи ту,
Шудам аз зарбаҳои бахт ҳушёр.

Ба ҳар ки бингарам, монанди мо нест,
Бигиряд баҳри мо чашмони изҳор.

Дилам бигрифт андуҳи хиёнат,
Шукуфт андар баҳори мо гули хор.

Намегӯям, ки орӣ аз гуноҳам,
Набудам бо чунин маъни сазовор.

Забони ман намегардад, ки гӯям,
Туро хоҳад дилам бисёр - бисёр.

Ғурури ман набигзорад, ки монам
Сарам бар бозую бар шонаи ёр.

Намегӯям, ки рафтӣ аз бари ман,
Намепурсам туро дигар ба исрор.

Ба як манзил, ки фарсаххо ҷудоем,
Биларзад ҳамраҳи ман қарси девор.

Ҳанӯз он захми куҳна пойбарҷост,
Намебахшам туро зинҳор-зинҳор…

* * *

Умри мо гоҳ аён гоҳ ниҳон мегузарад,
Нафаси тоза дар оғӯши хазон мегузарад.

Ҳар нафасро ту ғанимат шумару ғусса махур,
Зиндагӣ оби равон асту равон мегузарад.

Аҷаб ин дидаву дониста диле афсурдан,
Дил назаргоҳи ҷалил аст, ба он мегузарад.

Эй, ки хуни дили мо рехта, худ ҳайронӣ,
Тавбаи сидқ намо, фурсати ҷон мегузарад.

Маст шав з-ишқу махур бодаи сармасти ҷунун,
Ҳар, ки дил дод, дигар аз сари ҷон мегузарад.

Ғофил аз ғафлати имрӯзаву оянда мабош,
Даҳшати хоб ба ҳар дида аён мегузарад.

Эй Сано, пеши касе роз магӯ, собир шав,
Қисмат аз рӯзи азал чист, ҳамон мегузарад.

❊ ❊ ❊

Бархез ба бисмиллоҳ, бикшой дари хона,
Омода бикун худро бар тоати фарзона.

Бо меҳр бизан ҷорӯб кошонаю манзилро,
Бар мӯи парешонат бо ишқ бизан шона.

Бо лутфу сухан, ҷонам, дилро кафи дастат ор,
Бо ҳар нафаси буда, бинмой ту шукрона.

Бинвис таманное, бар маҳфили мо имрӯз,
То ранги дигар гирад ин суҳбати дӯстона.

Махфӣ чаманистон бод сад солу баҳори ту,
Бо лутфи ту обод аст, сад гӯшаи вайрона.

* * *

Бимон, дар хилвати шабҳои ту файзи саҳар резам,
Бимон, дар осмони софи ту Шамсу Қамар резам.

Бимон, эй риштаҳои тору пуди сарнавишти ман
Бимон, дар рӯи авроқи сафедам ишқи тар резам.

Бимон, то он даме ин зиндагӣ ҳамрози мову туст,
Бимон, аз накҳати шоми ҳавас дурру гуҳар резам.

Бимон, эй бегуноҳи ғарқ бо айби хатои ман,
Бимон, дар умри кӯтоҳам ҳазор умри дигар резам.

Бимон, то ҳар нафасро бо ғами ишқат бурун орам,
Бимон, дар кӯҳи ишқу орзуҳо болу пар резам.

Бимон, бар ҳар сари як тори мӯят байти нав гӯям,
Бимон, дар рӯи роҳи орзуҳо симу зар резам.

Бимон, эй душмани аз ҷону аз дил ҳам азизи ман,
Бимон, аз кунҷи ғамҳои дилам хуни ҷигар резам.

Бимон, эй сатрҳои нотамоми бесадои ман,
Бимон аз чашмаи фарёдҳо оҳи дигар резам!

* * *

Мужда, эй лолаи хушранг, ки Наврӯз омад,
Шоми ҳиҷрон бигузашт, пайки дилафрӯз омад.

Сабза дар зери кадамҳои шумо пойяндоз,
Даври базму тарабу шодию фирӯз омад.

Гулрухон лола ба гесӯй зада, сурма ба чашм,
Чаҳ-чаҳи мурғи чаман бо табу бо сӯз омад.

Эй насими саҳарӣ, нусрати фархунда биёр,
Шӯри дил бо ҳаваси шоми шабафрӯз омад.

Ошиқон ҳадяи наврӯз ба дилбар бибаранд,
Ишқ дар синаи ҳар ошиқи дилсӯз омад.

Фасли сармо паси худ бурд ҳама сӯзи ниҳон,
Ҷилваи чодари шаб дар шафати рӯз омад.

* * *

Хуб донистам, ки нодорӣ сахоро бишканад,
Рашк оташ гирад ар, ишқу вафоро бишканад.

Равзани худро кушо ҳар субҳ пеши нури Шамс,
Хайри кӯчак гардани деви балоро бишканад.

Носипосонро макун бовар, ки одам нестанд...
Шукри беҳад қуфли сангини гадоро бишканад.

Дил агар ранҷад, даво чун ёбад аз дасти табиб?
Як лаби яхпора шӯри баҳрҳоро бишканад.

Дасти пиронро бигир, эй навҷавони пурҳунар,
З-он, ки пирӣ қомати сарви асоро бишканад.

Во аҷаб, моро магар офарда тавъам бо бадӣ,
Некӣ дар ҳардуи олам қалби хоро бишканад.

Масти айшу нӯши ин дурӯза раҳ камтар бишав,
Ку камоне, то бигӯям дасти дунё бишканад.

Рав, дигар махмури банди зулфи ноаҳлон мабош,
Соғари май ҳалқаи шарму ҳаёро бишканад.

Роз камтар гӯ ба оне, ки надонад қадри ту,
Занги сӯзан оҳари рӯи матоъро бишканад.

Пар заданҳо дар само гунҷишкро беҳуда нест,
Ҳикмати ин «рӯзгор» қалби Саноро бишканад.

* * *

Гумон кардам, ҷаҳон бе ту бароям тангу тор имшаб,
Тамоми ҳастии олам бидуни ишқ хор имшаб.

Гумон кардам, ки бе ту оламе созам ба садрангӣ,
Ба рӯи шонаҳоям ғуссаву андӯҳ бор имшаб.

Ба ҳоли ман маханд, ай бевафо, тарки таккабур кун,
Шикоят кардам аз ту ҷониби Парвардигор имшаб.

Ситоиш мекунам ҳар гуфтаи Ғаффори оламро,
Ба ҳар соат маро ӯ буду бошад ғамбарор имшаб.

Шафақ мерезад аз он ошёне ҳамрадифи ӯст,
Хазонам сабз мегардад дар оғӯши баҳор имшаб.

Дусад фарсах бувад раҳ байни мо, ҳарчанд ҳамроҳем,
Дили ман нолаҳо дорад чу оҳанги ҳазор имшаб.

На маҳтобам, на хуршедам, на зар дар соҳили дарё,
На сабре дар дилам дорам, на аз сӯзат қарор имшаб.

Марав, дигар надорад қалби ман тоби таҳаммулро,
Супурдам, эй азизи дил, ба ту ман ихтиёр имшаб.

* * *

Ба ёрони мусофир лаҳзаи дидор мехоҳам,
Умеди зиндагонӣ бар тани бемор мехоҳам.

Дар ин пайроҳа дигар ростиву адлу имон ку?
Адолатро ба ҷои кинаву озор мехоҳам.

Дуои волидайн фарзандро чун ҳаҷҷи акбар шуд,
Ризоятро ба қалби модари ғамхор мехоҳам.

Мапиндорӣ, гадо аз баъди шоҳӣ сер мегардад,
Қаноат дар вуҷуди бандаи Ҷаббор мехоҳам.

Гузар созам зи бозоре агар, девона мегардам,
Каме тарси Худо бар мардуми беор мехоҳам.

Бигуфтам, эй дило, аз олами ҳастӣ чӣ мехоҳӣ?
Бигуфто: бовари комил зи сӯи ёр мехоҳам.

Сано, бо ҳар каломи хеш ҳар ҷо соя рӯшан кун,
Бароят ман зи Хуршеди Аҷам ашъор мехоҳам.

* * *

Пар мезанад болу парам мисли баҳори кӯдакӣ,
Тасвир месозад қалам нақшу нигори кӯдакӣ.

Ёдат ба хайр эй гумшуда, хатҳои рӯи дафтарам,
Чун шири модар пок буд ишқу хумори кӯдакӣ.

Гарчи хато буд беҳисоб, ҳар қисса буд чун як китоб,
Пандам бидодӣ модарам: «Оҳ, ҷони нодон дар азоб!»

Овора будам бо ҳавас, саргарми бозӣ ҳар нафас,
Хушбахти дунёе набуд монандаи мо ҳеҷ кас.

Афтодаву бархостам, дар шӯразори кӯдакӣ,
Бозичаи қисмат шудам, ку он мадори кӯдакӣ.

Фарёди ман печида буд бар домани кӯҳу дара,
Эй кабки кӯҳистон, бихон савти ҳазори кӯдакӣ.

Як села духтарҳо мудом чун кафтарони хушхиром,
Дар сина садҳо ормон, ҳар як шиори кӯдакӣ.

Ман байт гуфтам бешумор бар ҳар гули
«Пушти мазор»,
Донӣ чӣ карда шоирам? «Тути қатор»-и кӯдакӣ!

* * *

Ту мисли най навозӣ боз оҳанги ҷудоиро,
Ба худ овардаӣ, афсӯс, ҷурми бевафоиро.

Ба тоат меравам, то ин ки бошам дар дуои ту,
Дигар харгиз ба мулки ман наорӣ бехудоиро.

Мани дарвеш дар хоки диёри хеш султонам,
Аз он тарсам, ба сар рӯзе наорӣ бенавоиро

Гиреҳи кулфати ғамҳои ширинам намедонӣ,
Ки бикшоӣ якояк тори гесӯи ҷудоиро.

Фалак аз ҷоми паймони дилам чизе намедонад,
Ба ҳасрат меравам аз он, ки кардам ошноиро.

Агар, ҷоно, надорӣ ту мадори тоби ишқи ман,
Бигӯ, устод кай додат ҳама дарси хатоиро?

Чӣ гуна суратию дар кадомин пардаи ҷонӣ,
Имороти қашангӣ ё ки хушгилтар зи инсонӣ?

Ба гирдоби хаёлу мавҷҳои ишқи ту бандам,
Ту моҳи осмонӣ ё ба зери абр пинҳонӣ.

Дар ин бунбасти зулматҳои ту гумкардаи роҳам,
Чу шамъе сӯзаму аммо наёбам рӯшноиро.

❊ ❊ ❊

Будам як навниҳолу қад кашидам дар канори ту,
Зи оби чашмаю аз хоки поки зарнисори ту.

Қаламкаш андаке моро зи ҳамдигар ҷудо бинмуд,
Дилам гум мезанад бо ёди он «Арчамазори» ту.

Канори ту гузашт аёми хуби навҷавониям,
Тамоми хотирам пур аз ҳама рӯзи баҳори ту.

Гаҳе вақти сафар бо ёди ту ман ашк мерезам,
Ба зебоӣ надидам то ба ин дам чун баҳори ту.

Гаҳе дар хоб мебинам замони кӯдакиямро,
Ҳамон вақте шавам бедор, мегирад хумори ту.

Ҷаҳони кӯдакиямро дар оғӯши ту тай кардам,
Ҳазор афсона мегӯям ба ҳар санги мазори ту.

Фиғони наҳси танҳоӣ гаҳе то гарданам печад,
Ман он дудам, ки мепечам ба он чангу ғубори ту.

Даруни дафтари сабзам ба худ хотира мемонам,
Агар бошад насиби ман, ки мирам дар канори ту.

* * *

Биё, эй осмони ман, биё, эй Моҳу Парвинам,
Биёву сад каломе шав ба лабҳои хамӯшинам.

Биё, ин кулбаи сарди маро ту гармие бахшо,
Хароботи маро обод гардон, ёри деринам.

Чу лола кунҷи дил дорам ғубори ғуссаҳои ту,
Агар як лаҳзае бинам туро, берун зи сад кинам.

Дар ин тӯфони баҳри беканори ту парешонам,
Ба рӯи завраќи бишкастаи ишқи ту биншинам.

Чи медонӣ аз ин хилватгаҳи осоиши ҷонам,
Шаби ҳиҷрону танҳоӣ рабуда мӯи мушкинам.

Туро ман зери бороии аламҳои дилам монам,
Ки то покиза гардад ҳасрати ғамҳои пешинам.

Ба авроқи сафедам нақши чашмони туро гуфтам,
Қалам оҷиз ҳамегардад зи ҳуснат, ҷони ширинам.

Амон аз дасти кутоҳу амон аз шеваи ношуд,
Хиёнатҳои ту дурам намуд аз расму оинам.

Гули рӯям даруни боғи ишқи ту хазон гардид,
Чаро ҳаргиз гуноҳатро ба чашми дил намебинам?!

* * *

Сафои рӯзгори ман ту бошӣ,
Навои чангу тори ман ту бошӣ.

Ба рӯзи сахту шоми номуродӣ
Умеди чашми чори ман ту бошӣ.

Ситора аз само баҳрат бичинам,
Гули доимбаҳори ман ту бошӣ,

Ало Хуршедрӯи дар ҳиҷобам,
Рухи шарминисори ман ту бошӣ.

Шамими рози боғи ормонам,
Дуо кардам,ки ёри ман ту бошӣ.

Ҳамон шаб бистарам гулрез гардад,
Ба шарте, дар канори ман ту бошӣ.

* * *

Худоё, қуввате бахшо шукӯҳу қудрати моро,
Чароғи илм рӯшан кун, бадар кун зулмати моро,

Яке дар арш мағруру дигар побанди мушкилҳо,
Худоё, хайру раҳмат соз кори нусрати моро

Яке дорою султон аст, дигар дар кунҷи зиндон аст,
Барор аз доми навмедӣ занони узлати моро.

Ҳама шӯридаи хокем ба зери чархи кaҷрафтор,
Ба нури хоҷа равшан кун замири фитрати моро.

Фиреби ишқи дунёем, тиҳӣ аз сирри офоқем,
Куништу дайрро барбанд, ато кун неъмате моро.

Агарчи дар бадан дорем матои Балху Рукнобод.
Ба илмат нақшу оро деҳ тамоми турбати моро.

Надорем раҳм бо модар ва ё бо хоҳару додар,
На меҳре бар падар дорем, на ишқи пок бо ҳамсар.

Ҳидоятро чароғон кун бадар кун бидъати моро
Ба нури худ мунаввар кун даруни тинати моро.

* * *

Боз меоям ба сӯят, эй садои сози ман,
Дидӣ озоре гар аз ҳарфи ману овози ман.

Ман чӣ гӯям, то дили санги ту созад боварам,
Эй, ки дар қолаб намеғунчад туро андози ман.

Хастаҳолам аз тазоҳурҳову исёни дилам,
Бишнав, охир, ҷони ширинам, даме ту рози ман.

Ман намеарзам ба як мичҷгони ту, эй бевафо,
Бурдаӣ бо ҳусни худ кибру ғуруру нози ман.

Он қадар бо ишваю нози ту саргардон манам,
Ҷон бихоҳад рафтан аз тан, кай шавӣ ҳамрози ман.

Ман баҳори ишқро дар кӯи ту дарёфтам,
Ҳусну бӯи тоза овардӣ ту бар эъҷози ман.

* * *

Ман баҳори тозаю субҳи сафоро дӯст дорам,
Дар намозам баҳри ёронам дуоро дӯст дорам.

Гар биёбам ман биҳишти аднро дар ихтиёр,
Бо ҳама зебогиҳояш ман шуморо дӯст дорам!

Гар надорам моли дунёро, надорам шиквае,
Дар ҷаҳони бевафоӣ ман вафоро дӯст дорам.

Сабз гардад домани уммедҳоям бо шумо низ,
Балбулони хушкаломи хушнаворо дӯст дорам.

Интиҳо дар байни мо донӣ чӣ бошад ин мақом?
Суҳбати шоҳони олам бо гадоро дӯст дорам.

Донӣ, ин маънӣ чӣ бошад суҳбати соҳибдилон,
Аз сукути холие ин моҷароро дӯст дорам.

Гуфтамаш, соҳибдило, ҷони ману қурбони ту,
Дур бошам аз канори ту, қаборо дӯст дорам.

Он, ки дар хилват бигӯяд роз бо султони якто,
Васли ёрон дар камини интиҳоро дӯст дорам.

Шоиро, шабзидадорӣ кун, мадеҳ дилро ба хоб,
Дар масири тозаат азми шуҷоъро дӯст дорам.

Мепарсатам ҳар сари мӯю ҷамоли ҳусни ёрам,
Ман пари товусу мурғони ҳуморо дӯст дорам.

Мушку анбар ҳам надорад накҳати атри туро,
Бо туфайли бӯи ту боди саборо дӯст дорам.

Гул, агарчи мепарастад зинату нозу виқоре,
Дар сари ҳар барги гул ҳусни ҳаёро дӯст дорам.

* * *

Эй, бе ту боғи ишқам файзу самар надорад,
Ҳар мушти хоки саҳро арзиш ба зар надорад.

Гӯянд «Дилбари ту, махмури шеъри ноб аст»,
Море, ки нотавон аст заҳраш хатар надорад.

Тарсам, зи ранҷи хотир созам туро фаромӯш,
Эй хок бар сари дил, кори дигар надорад.

Чун тори гесувонам бас вожаҳо зиёданд,
Як шаб ҷудоӣ аз ту гӯё саҳар надорад.

Лаънат ба ин ҷасорат, бо ранҷ карда одат,
Дидам ки шарти бозӣ фатҳу зафар надорад.

Яхбастаӣ чу шамъе, бо шуъла қаҳрӣ то кай?
Эй, бе ту пайкари ман ҷисмест сар надорад.

Ман чун ҳубоби кӯчак, дар рӯи мавҷи ишқаш,
Асрори ин муаммо ҳалли дигар надорад.

Магзар, Сано, зи ғусса девор нам бигирад,
Оре, ки доми тақдир чоҳест дар надорад.

* * *

Бар туъмаи гургони биёбон ҳавас макун,
Дар хайма бошу такя ба девори кас макун.

Танҳо бизию мор ба ҳамсоягӣ магир,
Пайванди дӯстӣ ба табори магас макун.

Борон шикаст шишаи фонус аз фироқ,
Эй дил, шикасти хеш ба айби ҷарас макун.

Густохӣ донӣ ҳеҷ, ки бар аблаҳӣ барад,
Алфози хеш гиру ту фикри абас макун.

Бемор чун бипурсӣ, яқинан, ибодат аст,
Ин суннати паямбарӣ, зинҳор бас макун.

Дасте ки қафас сохт, магӯ моҳир он бувад,
Исме ба ҷон чу ҳаст, даруни қафас макун.

Киштии мо, ки лангари соҳил макони ӯст,
Омода бошу такя ба чандин нафас макун.

* * *

Зиндагӣ пайроҳаи душвор дорад, ғам махӯр,
Одамӣ саҳлу хато бисёр дорад,ғам махӯр.

Омадем ин ҷо, ҳама оғуштаи ҷурму гуноҳ,
Даври гардун субҳу шоми тор дорад, ғам махӯр.

Ишқи худ бар домани он дилбари нодон мабанд,
Дар каминаш дилбару дилдор дорад ,ғам махӯр.

Гарки озорат диҳад ҳар нокаси номеҳрабон,
Гул ба ин ҳусни расояш хор дорад, ғам махӯр.

Меравем аз ин ҷаҳони пур зи ғавғо бо умед,
Охират ҳам ҷаннату дидор дорад, ғам махӯр

Сӯхтам дар оташи ишқи ниҳони зиндагӣ,
Дар паси ин парда сад асрор дорад, ғам махӯр.

Дӯш дидам зиндагиро моли мову ту набуд,
Ин фалак танҳо ба мо озор дорад, ғам махӯр.

* * *

«Ӯ чӣ медонад, ки ҷони нотавонамро чӣ шуд?»
Интизориву сиришки дидагонамро чӣ шуд?

Ҷон ба роҳаш сад ҳазорон сол месозам фидо,
Пурс аз оина, то умри ҷавонамро чӣ шуд?

Қомати хамгашта ҳам ишқу баҳоре дидааст,
Эй ҳадафҳои мано, тиру камонамро чӣ шуд?

Кош, як бори дигар модар маро орад ба даҳр,
То бубинам ҳоли танги душманонамро чӣ шуд?

Нест дар дил меҳр то гӯям туро «ай ҷони ман»,
Ҷон зи узлат сӯхт, эй тан, устухонамро чӣ шуд?

Чуғзи беманзил бинолад дар дили шабҳои тор,
Нури шамъу гармии он ошёнамро чӣ шуд?

Дар миёни баҳри ишқаш дасту по гум кардаам,
Ғайрати дирӯзаву пои равонамро чӣ шуд?

Эй Сано, то соҳили мақсуд мебояд расид,
То нагӯӣ маънии ин достонамро чӣ шуд?

❊ ❊ ❊

Фасли баҳорам меравад, чун ғунча пинҳонам ҳанӯз,
Боди фано аз сар гузашт, дар дасти тӯфонам ҳанӯз.

Чун сабзаҳо бо ёди ту бо сози худ рӯидаам,
Хушкида чун гул дар чаман, муштоқи боронам ҳанӯз.

Ҳарчанд бинмудам талош, бегонатар гаштам баро-ш,
Аз ёри ман озор монд, побанди ҳиҷронам ҳанӯз.

Парвоз мехоҳад дилам, хоҳам фаромӯшаш кунам,
Паррандаи озодаму дар банди зиндонам ҳанӯз.

Аз ишқ осоре намонд дар хонаи чашмони ёр,
Аммо мани шӯридадил ошиқ ба миҷгонам ҳанӯз.

Бар хонаи эҳсони мо, афсӯс, чашми бад расид,
Ман посбони хонаву девори вайронам ҳанӯз.

Гургон вуҷудамро мудом дар хоб месозанд тала,
Чун боша умре ташналаб байни биёбонам ҳанӯз.

Шоир магӯ худро, Сано, дилёбӣ омӯз аз дигар,
Бо ин ҳама дилсардиҳо дар аҳду паймонам ҳанӯз.

* * *

Эй он, ки бе ту бо ту пайваста дар тамосам,
Эй вожаҳои маънӣ, дар мисраъҳои хосам.

Қалби шикастаамро, эҳсоси хастаамро,
Захми ҷароҳатамро пинҳон кунад либосам.

Ман гаштаам фаромӯш аз саҳфи хотири ту,
Эй кош, баъди маргам як лаҳза дорӣ посам,

Моро кӣ мешиносад дар ин сукути бераҳм?
Ё Раб! Намо иноят зорию илтимосам.

Дарёи сел гашта маҷрои соҳили ишқ,
Аз доми ин асорат кай мекунӣ халосам?

Бигзор, мурғи илҳом оёти ишқ хонад,
Дар килк метавон дид нерӯи ихтисосам,

Оина аз ҷамоли ожанг мешавад пир,
Эй чашмаи таҷалло бинмой инъикосам.

Гулҳои орзуям дар панҷаи абас монд,
То кай чу сабза умре қурбони теғи досам,

Бар хастадил ту то кай аспи ғазаб биронӣ?
Медон, ки сатри ночиз гирад зи ту қасосам.

* * *

Бе ту андуҳи ҷудоӣ дар дилам маъво гирифт.
Орази Хуршед пушти пардаи шаб ҷо гирифт.

Ҳар қадар ранҷи ҷудоиро таҳаммул кардаам,
Нотавонӣ дар вуҷуди хастаам боло гирифт.

Дар нигоҳам ғурбати андуҳи чашмони ту монд,
Дил ба ёди ҳусни рӯят домани саҳро гирифт.

Бе ту эҳсосу ҳавас дар коми ҳиҷрон ғарқ шуд,
Ин сукути вахшиямро нолаи дарё гирифт.

Гуфта будам бо ту қасри ишқ месозам яке,
Ношикебоӣ чаро зӯру тавони мо гирифт?

Эй баҳороғӯши бо сад нози дил парвардаам,
Тирамоҳи умр, бингар, домани дунё гирифт.

* * *

Магзор, бе ту ин гули рӯям хазон шавад,
Фасли баҳору лолаи ман хунчакон шавад.

То зиндаӣ, ба будани ту такя мекунам,
Гар бозуи ту такягаҳи дигарон шавад.

Ман қатраҳои ашки туро бӯса кардаам,
Магзор, орзуи дил ашки равон шавад.

Танҳоиро бирон, назанад дар ба кулбаам,
Эҳсоси ишқ дар тани ман нотавон шавад.

Магзор, ҳеҷ шишаи паймона бишканад,
К-аз ҳар шикаст қомати сарвам камон шавад.

Шабҳо, ки дар сукути ғамат нола мекунам,
Гуфтан чӣ ҳоҷат аст, ки суду зиён шавад.

Тасвири ишқ мекашам аз пардаҳои шаб,
Бе ту ҳазор орзу дар дил ниҳон шавад

Ҳар дам навишта кард Сано дарди хештан,
Рӯзе расад, ки бегунаҳият аён шавад!!!

❊ ❊ ❊

Бархез, баҳор омад бар кулбаи эҳзонам,
Бархез, хумор омад бар қалби парешонам.

Лабҳои сухангӯям хомӯшу ҳазин гаштанд,
Бинвис каломи ишқ аз ояти ҳиҷронам.

Дар кӯчаи ободӣ, базму тарабу шодӣ,
Ман тоқадарахти сарв, дар гӯшаи бӯстонам.

Бе ту набарад хобам, парвардаи маҳтобам,
Ман ташнаи ҳусни ту, эй чашмаи эҳсонам.

Бархез, баҳор омад, эй ташнаи ишқи ман,
Ман ошиқи шайдои ҳар қатраи боронам.

Мебошу сабурӣ кун дар кулбаи танҳоӣ,
Доғест ба кунҷи дил аз уқдаи паймонам.

* * *

То рӯзи зимистон бишумурдам, баҳор шуд,
Ҳайфо, ки умр сарфи ғами рӯзгор шуд.

Чун васфи рӯи ёр намуд орзу дилам,
Дар пардаҳои нозуки чашмам ғубор шуд.

Чун чашмаҳо зи синаи кӯҳ ҷӯш мезадам,
Бе ту ҷамоли ҳусни гулам хушку хор шуд

Гарду ғубор равзани Хуршед бастааст,
Бингар, чи гуна ҷону танам бемадор шуд.

Чун ришта зи сурохии сӯзан гузаштаам,
Ғамномаҳо зи килк чӣ нақшу нигор шуд.

Бӯи вафо зи ҷониби ту гарчи нест, нест,
Ин хастадил ҳамеша туро интизор шуд.

Ризқи маро ба боди сабоӣ фирист, Раб,
Дороии ман сарфи ғами кӯи ёр шуд.

❊ ❊ ❊

Чун камон чанг занад бе ту қади шамшодам,
Ҷуз Худо ёри дигар нест, бигӯям додам.

Нотавонӣ дили озурдаи моро бишикаст,
Ҳузни хомӯши ба лаб лек пур аз фарёдам.

Гулрухон дар чаман аз ҳусни расо менозанд,
Ман ки нашкуфта, ба домони ҳаё афтодам.

Ту бидуни ман агар бо дигаре сабз шавӣ,
Ман ба ҳар як нафаси барги баҳорат шодам.

Шикваҳо кардӣ, ки ман ёри вафодор наям.
Ман ҳанӯз аз сари ин вожа сухан накшодам.

Моҷарои ману ту рӯзу шабу сол кашид,
Ҳайфи он соату давре, ки ман аз каф додам.

Эй таманнои дилу эй нафаси озодам,
Боз тарсам ман аз он рӯз наорӣ ёдам.

* * *

Тундбоде гар вазад, хотир парешон мешавад,
Соф бошад тарҳи об гавҳар намоён мешавад.

Сабзаҳо сар мекашанд аз лутфи борони баҳор,
Пушти абри тирарӯ Хуршед пинҳон мешавад.

Гарчи аз андоза камтар буда ангуштони мо,
Лек бо ҳам ҷамъ оянд, мушти инсон мешавад.

Метавон дигар намудан акси ҳар оинаро,
Зиндагии бемуҳаббат мисли зиндон мешавад.

Пойбанди моли дунё гаштан аз нодонӣ аст,
Худфурӯзӣ рафта-рафта нури имон мешавад.

# МЕҲРОБИ РОЗ

***(шеърҳо)***

## ФИШОРИ СОЯҲОИ ҒАМ

Сояҳои ғам фишорам медиҳанд...
Сояҳо ҳар дам шикасти бешуморам медиҳанд.
Сояҳои пурғурур...
Хостам ҳамсояи Хуршед бошам,
Рӯи гул аз шеър ҳар субҳи навин,
Шабнаме аз ҳастии эҳсоси шоир ашк пошам.

Ҳар гуле дар зери чанголи шумо,
Хушк мегардад ҷудо аз нури хуршеди баҳор.
Сояҳо.... «оқиле» ҷинси латифро ном бинҳод:
Ҳамчу «мурғи паршикаста»
Оҳ аз дасти замона!!!
Ман аз ин берангии тасвири инсон
мешавам ноҷӯру хаста!!!

Сояҳо, эй сояҳои «меҳрубон»,
Сояҳо... аз шумо то ин ки ҳастам,
ҳеч уммеде надорам,
Ҳамчу фарди бетафаккур зодаи кибру ғуруред,
Сарду сахтеду карахтед,
Аз ҷаҳони нур дуред...
Сояҳо... ман тулӯи шаҳдрези беқарорам,
Хандаи Хуршедро аз водии меҳр интизорам,
Ман, ки бо ин хастагиҳо... зиндагиро
дар қатори турнаҳо,
Мисли ҷонам, бе муҳобот, дӯст дорам!

То ки мардум ҳосили сад хирманеро кӯбаду
ҳам ҷамъ созад,
Ман аз ин хирман чу мӯре ризқи худро интизорам.

Сояҳо, то кай фишорам медиҳед?
То ба кай аз рашк захри бешуморам медиҳед?!
Ман баҳори хешро дар водии лабташнагон
Дар миёни чор санге, ки сари роҳам ниҳодед,
Ман ба зоте, ки маро дар шакли инсон офарид,
Бовари комил ба дил дорам!
Ман аминам,
Мутмаинам,
Боз меояд суроғи ман баҳорам!!!

## САМАРҚАНДАМ

Ту чун гумкарда тифле модари худро,
Ба зери бори ин торих ҳайронӣ.
Ту эй фарёду дарди бесадои қарн,
Туро карданд зиндонӣ!
Ту эй гумгашта фарзандам,
Самарқандам! Самарқандам!
Туро ман дӯст медорам, зиёд аз ҷумла фарзандам.

Ғурури рафтагонро ҳузну армонӣ,
Ба кунҷи синаам ту доғи пинҳонӣ.
Ту мерос аз замони Оли Сомонӣ,
Маро пайванд бо хуну рагу ҷонӣ,
Ту осори калому назму девони ниёгонӣ.
Ту номусӣ, ту нангӣ,
Ту доғи ғам ба кунҷи синаи аҳли Хуросонӣ,
Самарқандам, ту оёти каломи покэмонӣ!

Самарқандам!
Самарқандам!
Аё гумгашта фарзандам!
Сари ҳар лаҳза бо ёди висолу ишқи ту бандам...

...Замоне кишварам будӣ,
Сарои модарам будӣ,
Ту ҷои гашту този зочаҳои хоҳарам будӣ...
Танӯри гарму нони чун ақиқи модарам будӣ...
Ҷаҳони боварам будӣ!
Макони шаҳпари товуси ман он ҷост,
Тавону ҳастию номуси ман он ҷост!

Ҷаҳони пур зи армонам,
Баҳори орзуҳои ба дил парвардаи ҷонам,
Хазони гашта дар ҳар сафҳаи таъри, парешонам.

Самарқандам!
Самарқандам!
Баҳори сабздомонам,
биҳишти Тоҷикистонам!

Туро ман дӯст медорам, қасам бо ҳастию
покии Яздонам!
Туро ман дӯст медорам ба эҳсоси баланди
қалбу виҷдонам!
Дареғо шоҳболони ту парвози сафар карданд,
Маконатро дар оғӯши дили кӯҳу камар карданд,
Қути фарзанди сарсонат зи хуноби ҷигар карданд,
Тани покизаат олудаи хуни дигар карданд...

Самарқандам!
Самарқандам!
Чанори решапайвандам,
Тани садпораи худро ба ҷуз ту бо кӣ пайвандам,
Ҷаҳони пур зи асрору ғубору ғуссаву дардам.
Дареғ аз сарнавишти талхи номардам!

Зи меҳрат гармӣ то бахшӣ дили сардам.
Китоби қиссаву пандам.
Самарқандам!
Самарқандам!
Самарқандам!
12.03 2012.

## ХУМОРИ ДИДОР

Ман ҳамонам, ки фаромӯш шудам,
Аз сарои қафаси синаи ту.
Боз рафтам ба суроғи дили ту,
То лаби соҳили пешинаи ту.

Дил хуморист ба дидор маро,
Ҳамчу дарё ба ҳавас ҷӯш занад,
Ман аминам, ки бувад побарҷо
Шуълаи оташи деринаи ту.

Розҳо гуфта будам бо ту басе,
Ҳамчу истора ба гӯши маҳтоб.
Аз самои шаби торам рафтӣ,
Эй, ки ҳоли дили ман бе ту хароб.

Дари уммед ба рӯям ту мабанд,
Ки маро файзу нишоту ҳавасӣ.
Қадри эҳсоси маро кай донӣ?
То бидонӣ, ки бароям чӣ касӣ.

Ҳама дороии дунё ҳеҷ аст,
Пеши бахти зи азал уфтода,
Иштибоҳи мани гумроҳ буд ин,
Дӯст ман доштамат чун сода.

Дигарам таъна мазан ҳар шабу рӯз,
Ту ба эҳсоси дилам бозӣ масоз,
Нест якранг ҳаёти ҳама кас,
Дорад он роҳи нишебию фароз.

Ранги гулҳои ҷаҳон хел ба хел,
Кай гуле ҳамчу мане ёбӣ ба боғ,
Лоларо рамзи муҳаббат машумор,
Аз вафо монда ба дил танҳо доғ.

Ҳар қадар аз ғами ман хурсандӣ,
Зи хазон ёд кун, эй ғунча, маноз,
Бо ҳама ранҷу ҳама ҷабру ҷафо
Бахти испед бихоҳам ба ту боз!

## РОЗ БО ШЕЪР

Солҳо шуд, ки туро меҷӯям,
Дар масири раҳи вайронаи хеш.
Солҳо бо ғами худ танҳоям,
Худ ба худ бо ту сухан мегӯям.
Боди мағрур шикаст навдаи армони маро,
Ва маро қудрати дигар, ки набуд
Солҳо дар қафаси санги ту
Болу пар мешиканам.
Худ ба худ мерӯям,
Лутфу имдоди ту ку?
То бубарад дасти маро
Пеши он равзанаҳо – шӯълаи Хуршеди сапед,
Шояд уммед ба фардои дигар ҳаст маро?
Дар камингоҳи ҳаёт.
Гуфта буд молики нохондаи ман:
Духтарам, хондани зан ҷоиз нест,
Бахти зан покизагию ҳунар аст,
Ҳеҷ аз қавми занон ҳофиз нест.
Ва ҳамин гуна, ки ман мегӯям,
Гуфта буд молики рӯҳонии ман,
Доғи аз сӯзи ситам
Доғи сад ҳасрату дарди дили зан мондани ман.
Ва ту ин панҷараҳоро бишкан!

Духтари зебоям,
Дар дили нарми замин донаи умед бикор,
Рӯзгоре, ки маро бедорист,
Ман нахоҳам, ки ту бинӣ дар хоб,
Бахти худро дарёб.
Пар бизан, озод бош,
Ҷаҳд бинмову талош,
Он замон хоҳӣ ёфт
Дурри мақсуду ниёз
Чун тулӯи Хуршед, баъди шабҳои дароз…

* * *

Як замон дар домани кӯҳу дара,
Сад ҳавас дар дил буд аз ҳар манзара.

Қалби поки кӯдакӣ буд он замон,
Панҷаки кокул будам хубу сара.

Зиндагӣ чун чашмаҳои зери кӯҳ
Дилнавозу нарму софу дилкаш аст.

Мавҷҳои бахри умри одамӣ
Ноаён моро ба комаш мекашад.

Деҳаи Гусгарф бо зебогиҳош
Чун арӯси нозанин водор буд,

Хониши булбул зи ҳар як гӯшае,
Аз дили шаб то ба субҳ бедор буд.

Ханда буд бар лаб чу гулҳои дара,
Бозиҳо доштем аз сангпораҳо.

Аз паи ҳар буттаи қоқуи кӯҳ,
Медавидем онҷунон овораҳо.

Қад-қади селобаи дарёи маст
«То бияфтад моҳии тилло ба шаст».

Лаҳзаи бебозгашти кӯдакӣ,
Созгори умру рӯзи рафтаам.

Чархи гардун кай ба ту орад маро,
Бо умеди дидани ту зиндаам.

❊ ❊ ❊

Тира мегардад дилам чун абрҳои тирагун,
Аз тамоми ҷисму ҷон резад мисоли лола хун.
Сабзаҳо хушкидан дар шӯразорони забун,
Боз алорағми касе андӯҳ ҳамегардад фузун

Чун кунам пайдои мавзӯи навинатро ба дил,
Чунки соғар бишканад, гар бархӯрад бо сангу гил.
Ёдгорӣ аз ту бар ман ишқи пурозор монд,
Кай тавонам, то бисозам ман гуноҳатро пиҳил.

Шаб канори сояи шамъи фурӯзон хирасӯз,
Бо тулӯи хандаи мастонаву бо ёди рӯз.
Чун миёни оташе парпечу то фарҷоми дуд,
Эй дили овора, бо ин бегуноҳӣ кам бисӯз...

Боз мегӯям, набудӣ лоиқи ишқу ҳавас,
Ман, ки будам баҳри пуршӯру будӣ монанди хас.
Ҷустуҷӯ кардам ба ғамҳои дили худ муттако,
То кунун ҳаргиз намеёбам бари худ додрас.

## БАРОИ МОДАРАМ

Ба нақши даври домонат бимирам,
Ба ҳар ожанги чашмонат бимирам.

Ба дӯшат мекашонӣ бори ғамро,
Барои ранҷи дастонат бимирам.

Ту хуршеди дару кошонаи ман,
Ба қалби гарму ҷӯшонат бимирам.

Дар он соат, ки бишнидам садоят,
Дилам аз сад ғами дунё раҳояд.

Ба танг ояд дилам аз дарди олам,
Дуоят банди сад ғамро кушояд.

Дареғ аз сад гули ҳусни ҷавонат,
Сари ҳар тори миҷгонат бимирам.

Амон аз қомати сарви равонат,
Надида боғу бӯстонат, бимирам.

Амон аз кулфату аз марги одам,
Барои додани ҷонат бимирам.

Амон аз шӯру ғавғои дили мо,
Барои дарди вичдонат бимирам.

Амон аз макру аз шайтонии мо,
Ба покиҳои имонат бимирам.

Амон аз аз қисмати раҳдурии мо,
Ба ду чашмони пазмонат бимирам.

Набинӣ ҳеҷ гоҳе дарду ғамро,
Ба он ҳуши парешонат бимирам.

## САТРҲОЯМРО БИХОН

Сатрҳоямро бихон,
То туро дурӣ зи ман мушкил нагардад,
Мисраҳоямро бихон,
То зи авроқи сафедам ҳарфи сабзе кам нагардад.
Гуфтаҳоямро бихон,
То бидонӣ, ғунчаи нашкуфтаи гул хам нагардад.
Ҳар ҳиҷоямро бихон,
То туро ҳам рӯзи шодӣ ҳамчу ман мотам нагардад.
Сатрҳои ман бароят,
Ҷони мискинам фидоят.
Гар туро озор додам,
Мисраи шеърам давоят.
Сатрҳоямро бихон,
Муҳри хомушӣ ба лаб, ту бесадоямро бихон,
Дар дили шабҳо бароят сад дуо карам,
дуоямро бихон,
Рашки ёру туҳмати он бевафоямро бихон.
Талх буд он чи, ки омад бар сарам...
Аз тулӯи субҳи нав дигар намонда боварам…
Сард буд болини ишқам аз ҳавас…
Корвони ғам гузашт оҳиста аз пеши дарам…
Сатрҳоямро бихон!
Ҳукми нокарда гуноҳи сад ҷазоямро бихон!
Ҷумлаҳои пур зи сӯзу аз садоямро бихон!
Ҳарфҳоямро бихон!

## ПАРИИ КӮЧАКИ АФСОНАИ МАН

Гули ёси даруни хонаи ман,
Парии кӯчаки афсонаи ман.
Тамоннои дилам бо ту зиёд аст,
Парастуи қашанги лонаи ман.

Хаёлам, бо ту дунёям биҳишт аст,
Ба хар ки бингарам, некӯсиришт аст.
Сано гӯям ҳамон меъмори ҳақро,
Ки бар зан кисмати модар навиштаст.

Ба ҳуснат ишқ аз нав зинда гардад,
Муҳаббат дар дилам поянда гардад.
Гаҳе ки ту ҳамехандӣ ба рӯям,
Ҷаҳонам равшану фархунда гардад.

Баҳори ман тӯӣ, фарзанди чонам,
Туӣ хуршеду моҳи бахти модар.
Умеди зиндагиву умри човид,
Ту тоҷи бебаҳоӣ, тахти модар.

Туро, то умр бошад, соябонам,
Азизу ғамгусору меҳрубонам.
Ба сад пирӣ намехоҳам бимирам,
Ба он хотир, ки танҳоят намонам.

* * *

Зи баҳорони нави тозаю тар
Ҳеҷ осор набуд дар рухи зарди ту чаро?
Зи сахои ҳама он рӯзи дигар
Накҳате аз ту набуд, бӯи вафо.
Чашми сабзи санам аз рӯи ту рафт,
Ва туро роҳи дигар нест,ки нест.
Ману ту ҳарду мувофиқ будем,
Дар вафо, ишқ чӣ содиқ будем.
Рост, аз баҳри Худо,
Бо чунин костагӣ, ҷурму гуноҳ,
Ман туро ёфтаам,
Шояд ин буд хато,
Ва туро боз туро боз туро
Дӯст дорам беҳ аз ҷон, ба Худо
Баски ин нест гуноҳ,
Шӯразорони дили ман тирамоҳ
Водии ғамзадагони монда дар ҳоли табоҳ,
Хандаке байни биёбон туӣ,
Ҳамраҳи боди гузар,
Боз як рӯзи дигар
Ин саҳар хандаи хуршеди само
Силаи хеш ба мӯям бигузошт.

Шуълае бар шафати хонаи ман
Сад умеди дигареро бинигошт.
Хона гулбор шуд аз нусрати ин фирӯзӣ,
Тирамаҳ ҷома ба тан дошт ҳама зардӯзӣ.
Гуфта буданд рухи зарди туро,
Зард аз дарду ғами ҳиҷрон аст,
Ғунчаи хушк ба як ханда бигуфт:
Гунаҳ аз ҷониби тобистон аст.
Эй, ки шафофӣ чу оби дили мо,
Ту рабудастӣ баҳорони маро
Рӯзи боронӣ маро,
Ту куҷо бурдаи бо худ ҳама армони маро,
Шӯру исёни маро, дарди пинҳони маро.
Ману ту ҳар ду мувофиқ будем,
Дар вафо, ишқ чӣ содиқ будем!

* * *

Маро рӯзи ҷудоӣ аз тани ту,
Хаёлу хобу як панди дигар буд.
Дар он бунбасти торики муҳаббат
Куҷо уммед то рӯзи дигар буд?!

Ту рафтӣ аз ман, охир, бевафоям,
Рабуд аз ман туро рашку ғурурат.
Надидӣ ту баҳори ишқи покам,
Туро аз ман рабуда чашми кӯрат.

Ҳанӯзам ёди ту дар синаи ман
Чу тифле даври домонам бигиряд.
Ханӯзам хотироти рӯзи рафта,
Даруни синаю ҷонам бигиряд.

Ту рафтию вале дар хонаи ман
Баҳору рангу бӯе аз ту боқист.
Ба рӯи болини ишқи сафедам
Ҳанӯзам ҷои дастони ту холист.

# ГУФТУГӮ БО ХАЗОН

Хазон, эй умеди рафтаи армониям,
Боз бо ту мекунам ман гуфтугӯ.
Ин сафар дигар суроғи ман наё,
Бо ту мехоҳам бигӯям дарди дилро
Рӯ ба рӯ,
Мон, дар оғӯши табиат,
Чун ниҳоли сабз якумрӣ бимонам,
Дон, ки дар ин хонаи ту
Ман амонат меҳмонам.
Ин сафар дигар суроғи ман наё,
Илтиҷо дорам, ба боғи ман наё.
Ин сафар он қадр тӯлонӣ ки нест,
Ҳоҷати як лаҳза ҳайронӣ ки нест,
Пиразан, охир ба макри хеш ҷодуям намуд,
Ғофил аз кори савобу
Ғофил аз меҳри илоҳӣ
Ғарқи ин ҳусни баҳор,
Оҳ, парешонҳол чун мӯям намуд.
Эй хазонак муддате сокит бигзорӣ моро,
Мон дар ин борони раҳмат доғҳоро пок шӯям.
Мон, ки андӯҳи диламро ман ба гӯши бод гӯям,
Дасти имдоди ту ку?
То бисозиям раҳо.

## ИНТИЗОРАМ БОШ

Пас аз боридани борони ғамгин,
Пас аз мотамсарои сарнавишти шум,
То уфуқи қуллаҳои дури дур,
Пойро дар хоки он бигзоштан осон набуд.
Интизорам бош!
Интизорам бош!
Пас аз он фарёдҳои бесадои гунг
нолаҳоямро,
он садои аз фироқи дарди ҷонсӯз,
Дар шаби наҳсе ки танҳоӣ бароям алла мехонд,
Ту онро мешунидӣ, ҷуз ту дигар ҳеҷ,
Ҳеҷ дигар, ҳеҷ кас,
Интизорам бош!
Пас аз ин туғёни баҳри зиндагӣ,
Ҳамраҳи амвоҷи соҳилҳои умр,
Дар миёни мавҷҳои шӯху мағрураш,
Равнақи бишкастаи мову туро
Бурд бо худ бурд! Бурд!
Интизорам бош!
Интизорам бош!
Пас аз он селобаҳои ашки пурхун,
Аз сиришки шарру шӯрам,
Нома бинвисам бароят аз ҳамин мулки ғариб,
Нома бо муҳри ҷудоӣ аз шабистон.

– Эй ғамистон!
– Эй ғамистон!
То ки бод хокистари сарди маро,
ҳам ғубори ғуссаҳоямро,
Баргҳои сабз гардида хазонамро,
то наорад,
то наорад
Бод то пушти дарат.
Интизорам бош!
Интизорам бош!

Эй баҳори тозаи ҷон, рӯзгори нобасомон,
Интизорам бош!
Интизорам бош!

## ИЛТИҶО АЗ ИШҚ

Субҳ бо чашми шикебои дилам,
Кунҷи девори ту танҳо будам.
Эй мадори тану дороии ман,
Ноумед аз дили фардо будам.
Дидам он чиз дар ин новаи умр,
Вожае аз ту набуд,
Боиси ин вайронӣ,
Заҳрханде, ки ба рӯи ту шукуфт,
Доғи ин пешонист.
Довари вақт нагуфт рӯзи муҷозоти маро,
Он, ки дониста навишт аҷру мукофоти маро.
Сояҳои ғами ту ҳар нафас аз пушти мананд,
Ғами пинҳонии ту чун хати ангушти мананд.
Раҳм кун, абри накӯкор, ба аҳволи дилам,
Рез болои сарам.
Лутфи борон чу расад, сабз шавад навдаи мо,
Нарм бинмо ту ҳама, шӯри хароботи маро.
Кибру пархоши туро дидаму хун бигристам,
Ин сафар баҳри чӣ буд? Ман кистам?
Манзили танги маро ҳоҷати вайронӣ нест,
Фурсати умри азал, оҳ, ки тӯлонӣ нест.
Ишқ, обод бигардон ту хароботи маро,
Ва алайҳи ҳама ҷуз кори пушаймонӣ нест,
Сари ҳар мӯй бикуш, то ки ту осуда равӣ.

Сояҳои ғамат аз пушти мананд,
Саҳфаи бори гунаҳ сад хати ангушти мананд,
Санги ангуштарам омад ба садо,
К-эй ҳабиби дили мо,
Раҳм бинмой ба мо, раҳм бинмой ба мо!

# РОҲИ БЕБОЗГАШТ

Зиндагӣ марзи набарду ҳунар аст,
Водии воҳима, банду хатар аст.
То дили кӯҳи сафеди орзу
Пайраҳа сарҳади касногузар аст.
Бояд онро бо ҳама нерӯят,
Бо тамоми ҳастӣ,
Ҷон бигирифта ба дарвозаи ӯ,
Кафи по рӯи пули ӯ бигузошт.
Ва туро ҳеҷ кафолат, ки наяст,
Ва туро нест касе пушту паноҳ,
Ҷуз тую ёди Худо!
Нақши ангушти худ рӯи китобаш бингошт,
Бояд онро бишинохт,
Камари хеш дар ин марҳилаи танг бубаст,
Ва ҳамин гуна, ки ҳаст,
Бо ҳама мушкилию он ҳама монеаю шар,
Зери бorigин ҳасуду ситаму рашку хатар,
Зери бори ғами ҳиҷрони ҷафою ғами ёр,
Бозгаште ба қафо нест дигар,
Ва ту онро бигузар!
Чеҳраи хеш дар ин оинаи яъс мабин,
Бахти худро ту дар ин равзанаи хира маҷӯ,
Пеши худ марҳилаи нав бигузор!

Қалби худро ту аз ин занҷиру «қолаб» бикушо,
Тану ҷонро ту аз ин узлату навмедӣ барор.
Баҳри Модар - Ватанат,
Баҳри ободию парвози нави шеъру сухан,
Баҳри ин кишвару
Баҳри дили зан
Қадами хеш ба оянда гузор.
Ин ҷаҳонро ба ҳама ҳастию дороии он,
Бо ҳама саҳлу хатою ҳама он кинаву шар,
Бо дили гарму наву тоза нигар.
Дар самои нилгун пар-пар зан
Байни ин равзанаи бозингар,
Ва ту аз он бигузар!

## ГИРДОБИ ХАЁЛ

Туро печонидам бо даври домонам,
Ба он хотир,ки боз ояд ҳама уммеду армонам.
Сазои кардаҳоям вой бар ҳоли парешонам,
Пушаймонам, пушаймонам!
Насими раҳгузар будӣ, гузар кардӣ зи кӯи ман,
Кунун аз дасти қисмат, оҳ, чӣ нолонам, чӣ нолонам!
Дареғ аз рӯзгори бесаранҷомам.
Чӣ ҳайронам,
Чӣ ҳайронам!
Калиди хонаи танҳоиро оташсифат бишкан,
Чу сайёд аз қафои бошаи ишқи ту сарсонам.
Замину осмон бар ҳоли зори ман ҳамегиряд,
Чӣ асрорест, ман подоши кори худ намедонам.
Намеоӣ дигар боре суроғи ин дили мискин,
Туро завлона ишқи ёри таннозест, медонам.
Чу лола сӯхт қалбам аз ғами ишқи парешонат,
Қасам бар тори гесӯят, қасам бар тири миҷгонат!
Ба кунҷи ин қафас дарди дили ман кам намегардад,
Ба гирдоби хаёли хеш печидам,
Худоё, аз тую аз худ гурезонам;
Яқин донам, яқин донам!

## УҚДАИ ДИЛ

Уқдаи дилро бароят боз хоҳам кард,
То ки аз умқи дилам огаҳ шавӣ.
Ҳарфҳои ин ҳақири хастаро,
Бо ҳиҷою бо таввасул,
бе тазоҳӯр,
то маро ҳамроз гардӣ.
Пас макун исён бо тасмими корам,
З-он зи тахриби ту дигар чорае нест,
Бо тазоҳурҳою он тазодҳоят,
Баҳри тифли ишқи ту гаҳворае нест.
Биё, эй хоизи наҷвои ишқам,
Биё, эй хостгори бошақоват,
Касифу кӯчак аст қалбам зи ҳаҷрат,
Туӣ қобуси он рӯъёи зулмат.
Алорағми дили ман оташеро
Фурӯзон соз эй мафлуки ҳоиз,
Қазоват сохт моро он халоиқ,
Таҳаммул соз бо кирдори қисмат.
Фироқу васлро маънӣ чӣ бошад?
Сафои хуш бувад анҷоми зулмат.

## БАРФӢ

Барф омад реза-реза,
Бо ҳама лутфу хиром.
Барфи зебо,барфи нав,
Барфи шодию умед.

Барф сарду нуқрасон аст,
Боз нарму дилкаш аст
Муждае аз нусрату файз,
Як нигори маҳваш аст.

Барф меояд ба бомам,
Пухтаҳои нимхомам.
Ёди рӯзи умри рафта,
Шеърҳои нотамомам.

Гарчи сард аст барф, аммо
Соф мисли оина.
Зоҳиру қалби бануранш
Холӣ аст аз бухлу кина.

Гарчи сард аст барф, аммо
Як ҷаҳон маънӣ дар ӯст.
Сардиҳои моҳи сармо
Як баҳори тозарӯст.

## ДАР БИСТАРИ ГУЛПӮШ

Агарчи зиндаам, ман боз мемирам
Миёни хонаи торику хомӯш.
Ҳавои сарду сармои зимистон,
Ки гӯё бо ту оғӯшам ба оғӯш.
Сарам болои китфу бозувонат,
Ба қалби синаи ту медиҳам гӯш.
Шамиданхои бӯи пайкари ту
Маро созад зи макри хеш мадҳуш.
Сарам болои китфу бозуи ту
Ниҳодам, то даме осуда бошам,
Даме сила намудӣ тори мӯям,
Тамоми бистарамро карда гулпӯш.
Дар ин як лаҳзаи зебои умрам
Ғами дунё шавад бо ту фаромӯш.

## ЗОДГОҲАМ

Зодгоҳам, эй саманди орзу,
Эй макони дилбарони хубрӯ.
Эй сароғози ҷаҳони пурҳавас,
Баста будам дил ба ту, эй додрас!
Зодгоҳам, меҳвару меҳроби ман,
Водии хушманзари Варзоби ман.
Ёд меорам канори шар-шара,
Домани кӯҳу садои Гулдара.
Гоҳ дар хобам маро бурдӣ ба худ,
То ба пеши торҳои анкабуд.
Ҳар чӣ меомӯхтам з-оғӯши ту,
Аз ту буду лек моли ман набуд.
Зодгоҳам, эй гузашти рӯзгор,
Субҳи зебои сабоҳи навбаҳор.
Нолаҳо мекард он ҷуғзи мазор,
Нолаҳои талхи зоре мисли ёр.
Зодгоҳам, эй дурахши синасӯз,
Ташнаи оби ту ҳастам то ҳанӯз.

## ҲАМЧУ БОРОН

Пайкари нозуки зебои туро
Боз мешӯям чу борон,
Домани поки сафедатро,
Ки ба рӯяш намоз бояд хонд.
Дастҳои махмалини нозукатро,
Ман ба рӯи синаи худ ҷо намудам,
То тапиданҳои қалби хешро
Бо ту созам ошно.
Доман аз дастам ҷудо кард,
Остин аз тан раҳо кард,
Рӯзгори тангу торик он ҳариф бар рӯзи мо кард.
Ҳар чӣ кардам лек рафт,
бе сухан,
бесадо рафт.
Бо дили сарду карахт,
рафт аз ман,
аз ман ӯ рафт.
Мисли он навдаи боғе,
зери барф,бехабар хобида буд,
аз баҳорон.
Ман кунун танҳои танҳо ҳамчу борон.
ҳамчу борон!

## ИШҚ БОШАД

Бо ту чандин шоми тори ман саҳар шуд,
Бо ту сад ранҷу азобам пушти сар шуд.
Бо ту дар дунёи рангини муҳаббат,
Бо ту ҳусни зиндагии ман дигар шуд.
Бо ту буданҳо бароям давлат аст,
Бо ту боғи рӯзгорам пурсамар шуд.
Бе ту ман дунё надорам,
Бемадорам,бемадорам,
Бе ту дар офоқи ҳастӣ давлати дигар надорам,
Бе ту хорам, Бе ту хорам.
Шӯразорам шӯразорам!
Байни ин субҳи сафеду байни шом,
Байни асмону замини бекарон,
Байни маргу зиндагӣ,
Байни ҳар оилаи пиру ҷавон,
Байни ин роҳи пур аз монеаҳо
Ишқ бошад,
ишқ бошад
ҷовидон!

## ШЕЪР

Шеър уқёнусу тӯфон,
Бояд аз умқаш шино кард.
Шеър тифли кӯчаки ман,
Аз замири ман нидо кард.

Шеър ҳам дарвоза дорад,
Гаҳ кушода, гоҳ банд аст.
Чун тапишҳои дили ман,
Гоҳ бо ман ӯ ба ҷанг аст.

Шеър ишкебоии ман,
Нусрату дороии ман,
Бо ту ман танҳо намонам,
Муниси танҳоии ман.

Бол бар сӯят кушоям,
Субҳи уммеди вафоям.
Ҳамнавои қалби зорам,
Ёри бо аҳду вафоям.

# ҲАМРОЗИ БОРОН

Ҳамдилу ҳамрози боронам,
Ҳамрадифи қисмату ҷонам.
Гиряҳои сарди ҳузни ӯ,
Баҳри чист аммо намедонам.

Гоҳ меояд ба гӯши ман
Нолиши ороми маъсумаш.
Гоҳ механдад ба сӯи ман
Хандаи сарди ғамолудаш.

Дар шаби торики боронӣ.
Як наво омад ба гӯши ман,
Боди танҳорав фиғоне дошт,
Доғи ҳиҷронаш ба дӯши ман.

Фориғам эй, ки зи асрорат,
Чист, охир, маҳзи озорат?
Қатрае чун ашки боронам,
Нолаҳои дарди ҳиҷронам.

Бо ту ман ҳамроҳ мегирям,
То барояд укдаи ҷонам.

## ОҲАНГИ ИШҚ

Хуршеди баҳор омад,
Олам ҳама гулранг аст.
Шӯри дили маъсумам
Бо ишқ ҳамоҳанг аст.

Хуршеди баҳори ман,
Сад барги хумори ман.
Эй накҳати дастонам,
Бӯи тани ёри ман.

Як сӯ чаману сад гул,
Дар ишқ фидо булбул.
Як сӯи дигар ҳолмон,
Бо нозу ҳазор армон.

Ин ҷо, ки ҳама роз аст,
Ишқ аз паи парвоз аст.
Оҳанги дили ёрон
Ҳарҷо танинандоз аст.

# АРМУҒОНИ САБЗ

Ман хавасро зери хоки нарми бовар гур кардам,
Нахли аз озори бод хушкидаамро,
Баргхои заъфарони аз хазонрези бахор афтидаро,
Бар тани як армугони сабзи ишк пайванд кардам.
То наафтад дигаре дар ин миёни тангной,
То, номонад бегунохе, байни ин мархила пой.
Рохи ин мархиларо бо тори гесуи садокат банд кардам.
Хамчу абре гох бо худ мекунам пайваста исён,
Дар рагу пайвандхоям хуни эхсос, мекунад пайваста тугён,
Такя бар девор намудам,
Хостам он лахзаро бар рухи оинаи тақдир,
К-аз ғубори гарди қиссмат хираву бенур гашта,
Зиннати бе ту буданро руи он тасвир созам,
Ҳеҷ медонӣ ки баъди ту чи меояд суроғам.
Бо кадом ранг, ранги зебо чун анор,
Шояд аз ин ранг умеде ҳаст то рӯзи баҳор,
Шояд ин субҳи нави умед, насозад аз канори шаб фирор.
панҷаҳоям сард гаштанду карахт,
Тасвири он рӯзи боронӣ,
Он тамузи шоми танҳоӣ, шаби сард буду сахт...
Шишаҳои сабри умеди дилам бишкаста буданд
аз фишори дарди бахт.
Ҳамчу шере пой дар занҷир, ҳастиямро баста буданд,
то биёмузанд ба ман дастури сабр,
Ман ки будам мурдаи берун зи қабр....
Рашк бо ақл менамуд пайваста пархош,
Мекунад тасвир хаёли хастаам, чеҳраи ожангҳои ишкро,
Оразл садрангиро дар пардаҳои роз пинҳон,
Аз баҳори умри инсон,
Метаровид ашк аз рухсораи чашмони ишк,
Катраҳои ашки ҳиҷрон,
Мешунидам нолаашро,
Аз садои набзи борон, аз садои набзи борон...

## МУРОДИ ДИЛ

Соғари ишқи туро ҳамнафасам,
Ёри озодарухи пурҳавасам.
Эй парастуи хаёли дили ман,
Балки озоду даруни қафасам.

Ганҷи дунёи куҳан даргузар аст,
Аз муроди дили мо бехабар аст.
Ман зи дунболи ту овораю лек
Чун туро банди хаёли дигар аст?

Мекашам ҳусни ту дар авроқам,
Васфи ту маҳфили моро ҳунар аст.
Ту бирав, ёри азизи дили ман.
Ишқ дар файзи дуои саҳар аст.

Ва ту шояд, ки фаромӯш кунӣ
Меҳри чун оташи сӯзони маро.
Бо ҳама дурию ин бемеҳрӣ
Ишқ дар сина ту хомӯш кунӣ.

Ту бирав, роҳи ту роҳи дигар аст,
Зӯҳраи аз назар афтодаи ман.
Рафт умрам ҳама бо раҳпоӣ,
Эй таманнои дили содаи ман.

## МАКТАБАМ

Мактабам, эй макони орзую бахти ман,
Пойдевори баланди шаҳсутуни тахти ман.
Мисраи шеъри дариро ман зи ту омӯхтам,
Ҳам каломи модариро ман зи ту омӯхтам.

Эй ҳама ранҷу насиҳатҳои устодони ман,
Торҳои васлатон, дар риштаҳои ҷони ман.
Эй ниҳоли боғи уммеду ҳама бунёди ман,
Донаи хишти нахустин, пояи эҷоди ман.

Мактабам – меҳроби илму донаҳои гавҳарам,
Васфи ишқу меҳри ту бо хуни дил мепарварам.
Эй сафои тозае аз рӯзгори кӯдакӣ,
Ҳар замон ояд ба гӯши ман дуои модарам.

Мактабам, ин зиндагӣ устоди мову ту набуд,
Зиндагӣ устод гардад, гар ту бошӣ ёварам.
Ҳар куҷое пой монам андар ин дунё агар,
Хоксории туро то авҷи аъло мебарам.

*   *   *

Мазан кӯза даруни ҷӯйи пургил,
Ки тагшин кардани он аст мушкил.

Макун бар ёри носанҷида бовар,
Пушаймонӣ надорад чора дигар.

Мазан таъна ба қалбе, ки мариз аст,
Чунин рафтор кори бетамиз аст.

Бикун андешаҳо аз рӯзи маҳшар,
Вуҷудалвоҷиб он ҷо буда довар.

Вафо ҳаргиз маҷӯ аз ёри беор,
Ба даври доманат мепарварӣ мор.

Саравval қимати гавҳар ту бишнос,
Ба шустан кай шавад кимхоҳ карбос?!

Миёни галла шав чӯпони боҳуш,
Макун аз ҳамлаи гургон фаромӯш.

Ба ҷонам ҳазли он нодон асар кард,
Ҷаҳон аз пеши чашмонам гузар кард.

Макун ҳазле, ки он ҷо нест ҷояш,
Ба ҳар кафше бувад андоза пояш.

Дилам гӯяд, даруни ҳазли ноҷо,
Ҳазорон ростӣ бинӣ ҳувайдо.

Замоне ман будам тобанда ахтар,
Ба хоки кӯи ӯ гаштам баробар.

Мабод он рӯз, гар бо хеш нозӣ,
Риё дар дин набошад кори бозӣ.

Қалам гуфто, маро эй фарди сода,
Туро кофист ин ақлу ирода.

Макуш ту оташи ишқу ҷасорат,
Ки модар инчунин инсон назодат.

Таҳаммул пешаи аҳли зиё аст,
Замин бо ин бузурги зери по аст.

Бишав ту ошиқи ҳар субҳи содиқ,
Сафар бинмо ба ёрони мувофиқ.

Набояд ҷой додан кина бар дил,
Ба ин маънӣ ки нест аъмоли оқил.

Туро, эй, ки диламро кардӣ афгор,
Худои ман туро бошад мададгор!!!

## МАН КИСТАМ

Духтари хокии кӯҳистон манам,
Қатрае аз чашмаи эҳсон манам.

Гарчи ба дил буд маро сад ҳавас,
Лолаи парвардаи борон манам.

Ормони модарам буд доимо,
То шавам рӯзноманигори радио.

Қиблагаҳам хост, ки бошам табиб,
Пиру ҷавонро бигардам чун ҳабиб,

Бо ҳамин домони армони сафед,
Боварам кам буд, гардам ноумед,

Ногаҳон омад садои ҷанги шум,
Зиндагӣ маҷрои худро кард гум.

Ман, ки аз хурдӣ ба шеър дил бохтам,
Меҳри ҳар кори дигар кам доштам.

Менавиштам шуълаҳо содаро,
Ҳамчу барги аз дарахт афтодаро.

Гарчи мушкил буд он айёми сахт,
То бигардӣ соҳибе бар тахту бахт.

Ҳар қадар ман духтари қадрас будам,
Пеши боди рӯзгор чун хас будам.

Дар ниҳодам нақшаҳо буд беҳисоб,
Ҳамчу нуре, чун тулӯи офтоб.

Лек бо амри илоҳӣ он замон,
Сӯи бахти хеш гардидам равон.

Сӯи бахти пур зи шӯру моҷаро,
Шаҳдҳояш чун намак буда маро.

Аз паи сармои пур аз изтироб
Кард ханда гул мисоли офтоб.

Ман дар ин дунёи дун модар шудам,
Дар дили гирдоби ғамҳо тар шудам.

Тифлаконам дур монда аз падар,
Баҳри таҳсил рафт ӯ мулки дигар.

Ки набудам баҳри сарфи тифлакон
Дар бисотам як дирам, эй дӯстон.

Бо чунин гарду ғубори рӯзгор,
Боз будам ёри худро интизор.

То шудам соҳиб ба нону хону дар,
Гаштаам андар миён хуни ҷигар.

Рафт ду даҳсолаи умри азиз,
Рӯзгорамро намудам ман тамиз.

Ғайри фарзандон надорам давлате,
Ҷуз ғазалҳоям надорам сарвате.

Пухтаам андар танӯрам нони гарм,
Болину бистар намудам гарму нарм.

Боз бишнидам суханҳои дурушт,
Чун хамире, ки бимонад зери мушт.

Гоҳ шоду гоҳ сарду хастаам,
Сад ҳавасро дар дилам бишкастаам.

Розҳоям кунҷи сина панҷу чор,
Ашк мерезам гаҳе беихтиёр.

Байни ин печидаҳо ман зистам,
Худ бигӯ, эй орзу, ман кистам?!

## ДАФТАРИ ҚИСМАТ

Чӣ ширину гуворой,
Азизи ман, азизи ман,
Ту рангину дилоройӣ,
ту лолой.
Ба мисли нолаю фарёдҳои
қалби хуншорам,
ту танҳой!
Ту зебоиву зебой, азизи ман,
азизи ман!
Гаҳе дар оғӯши ҳасрат,
Чу зулфи худ парешонам,
Гаҳе аз дасти танҳой
Парешонҳолу ҳайронам.
Шабе дар абҳари маҳтоб,
Туро ҳар лаҳза меҷӯям,
Надорам шиква аз тақдир,
Чу гул дар хок мерӯям.
Қасам бо гавҳари ҷонат,
Қасам бо ранҷи дастонат,
Ғами ту ғамгусорам буд,
Ба ҳар як лаҳзаю соат.
Дар ин абёти ишқи ман,
Миёни дафтари қисмат,
Навиштам ман ба хуни дил,
Ки бе ту кардаам одат!

# КӮДАКОНАМ

Кӯдаконам…
Ормонҳои нуҳуфта, дар рагу пайванди ҷонам,
Кӯдаконам…
Турнаҳои осмонам,
Шуълаҳои пурдурахши ахтарони Каҳкашонам,
Хандаи даври лабонам.
Шохаҳои сабзи боғи орзуи ман шумоед,
Қимати дороиву номи накуи ман шумоед,
Обрӯи ман шумоед!
Ишқи поки зиндагию созу сӯзи ман шумоед,
Бахту иқболи накӯю шому рӯзи ман шумоед.
Дур бошед аз канорам, хешро гум мекунам,
Умри кӯтоҳе, ки дорам ҳамчу гулҳои баҳор,
Атру бӯи ман шумоед!
Хотири осудаи ман, нури рӯи ман шумоед…
Ҳар кӣ дар роҳ аст, як рӯзе ба манзил мерасад,
Умр ҳамчу киштӣ як рӯзе ба соҳил мерасад,
Боғро фасли ҷавониҳост сабзу гулфишон,
Лек як рӯзе хазонаш ҳамчу қотил мерасад…
Лек имрӯз,
То баҳор асту ҷавонӣ,
Ман шуморо боғбонам,
То ба дил меҳри шумо ҳаст,
Зинда дар рӯи ҷаҳонам.
То даме, ки қалбҳо аз шодиҳо гум мезанад,
То даме дар синаам дил мезанад,
То даме ишқи шумо занги дари дил мезанад,
Ман шуморо лаҳзае танҳо намонам!!!

Кӯдаконам…
Сангҳои қимати ангуштаринам,
Риштаам ман, даври онро шаддаи марвориед,
Ин ҳама нақшу нигори зеби дастору нигинам,
Меваҳои шаккаринам,
Чӯҷаҳои навпари кабкам,
Ба зери остинам,
Кӯдаконам…
Ман ба дунё бингарам имрӯз бо чашми шумо,
То бубинам нек бо чашми шумо аъмоли бадро,
Кафтарони навпари ман,
Мекунам парвозҳо ман бо пару боли шумо,
То бубинам осмонҳои баланди софатонро!!!

## МУСОФИРБАЧЧАИ ТАНҲОИ МОДАР

Тавонам мезанад дар сина ханҷар,
Чу мурғи тирхурда мезанам пар,
Қиёмат дар вуҷудам карда маҳшар,
Амон аз рӯзгорони ситамгар,
Ту рафтӣ аз барам мисли кабӯтар,
Мусофирбаччаи танҳои модар!

Чӣ мушкил як нафас бе ту кашидан,
Зи андӯҳи ҷудоӣ ғусса хӯрдан,
Ба зери панҷаҳои марг ногаҳ
Туро нодидаву ҷонро супурдан.
Макун бар ҳар сафарнодида бовар,
Мусофирбаччаи танҳои модар!

Сано бар модарони зори раҳдур,
Ба ранҷи зиндагӣ тан дода маҷбур,
Сано бар дидаҳои интизоре,
Ки бо ашки ҷудоӣ гашта камнур.
Туро парвардаам аз ҷон накӯтар,
Мусофирбаччаи танҳои модар!

Навиштам баъди ту бар рӯи дафтар,
Сукути ашкбори талхи дардам,
Қарори носабури ношикебо,
Ду чашми интизору ранги зардам,
Хаёлам банди кӯҳи мулки дигар,
Мусофирбаччаи танҳои модар!

Ба аксат мекунам суҳбат шабона,
Туро меҷӯям аз ҳар кунҷи хона,
Ба он ҳусни расои дилфиребат
Навиштам, ҷони модар, сад тарона.
Чи беранг аст бе ту хонаву дар,
Мусофирбаччаи танҳои модар!

Накардам фаршро пок аз қафоят,
Ки рӯйи хона монад хоки поят.
Вале медонӣ ту, эй ҷони модар,
Нафаҳмида баногаҳ субҳи дигар
Бируфтӣ хонаву дар хоҳари ту,
Куҷо дорад хабар аз сӯзи модар,
Мусофирбаччаи танҳои модар!

Туро бо сад ҳавас бинҳодаам ном,
Ба домони пур аз уммед, Шаҳром.
Мабодо, пеши номардони олам,
Насозӣ номи некамро ту бадном.
Чароғи бахти ту бодо мунаввар,
Мусофирбаччаи танҳои модар!

Наям аз фикри ту як лаҳза ғофил,
Чӣ сон ғофил бигардад одам аз дил?
Даруни синаи пуроташи ман
Ба сози набзи дастат метапад дил.
Нигаҳбони ту бод Аллоҳи Акбар,
Мусофирбаччаи танҳои модар!!!

## АЗМ

Хазонрезе, ки рафт имсол аз ман,
Рабуд аз ман ҷаҳони орзуям.
Ба пеши соҳили дарё нишаста,
Ба гӯши мавҷҳояш роз гӯям.
Нависам бар хати хар мавҷи соҳил,
Ғубори қалби худ бо нӯги ангушт.
Нависам, то ки баъди ман бихонанд,
Ки дарди ношикебоӣ маро кушт.
Нависам бар рухи оинаи об,
Аз он шоме, ки шоҳид буд Маҳтоб,
Кашам тасвири андӯҳи ниҳонам,
Сукути ҳузну тасвири баёнам.
Нависам достони ишқи Хуршед,
Аз он мулке, ки фарҷомаш баҳор аст.
Ҳамон доғе, ки аз осори ҳиҷрон
Чу лола дар ниҳодаш ошкор аст.

## БАҲОРИ САБЗЧАШМ

Эй баҳори сабчашми тозарӯ,
Андар ин мулки ғарибі қалби ман хуш омадӣ!
Ман дар ин оинаи чашмони ту,
Бо қалам сад нақши дигар мекашам,
Дар кафи дасту дили пурнози ту
Сарнавиштамро ба нӯги миҷҷаи тар мекашам.

Метапад дил дар қафас, дар ғурбате бо ёдҳо…
Мехурад ҷони маро дар умқи дил фарёдҳо!
Дар баҳоре сурх мегардад замин аз лолаҳо,
Дар каноре хушк мегардад лабе аз нолаҳо,
Дар сададгоҳи раҳи вайрони умр,
Аз тулӯи ишқ нур овардаӣ,
Мегузорам соядастеро кунун
Дар китоби кисмату эҷодҳо.

Эй баҳор!
Ман дар ин оинаи чашмони ту
Рӯзҳои рафтаро ҷӯё шудам.
Дар ҳавои пур зи шабранги хамӯш
Ҳамнавои булбули гӯё шудам.
Дар сукути соҳили дарёдилон,
Бо талоши мавчҳои рӯҳу ҷон,
Чун талоши мавчҳои соҳиле,
Қисматамро рӯи дафтар мекашам.

Меравам ман то уфуқи қуллаҳои барфпӯш,
То канори лолаҳои пур зи андӯҳу хамӯш,

Меравам, то бозёбам гармии дастони дӯст,
То дилам осуда гардад аз ғами ҳиҷрони дӯст.

Эй баҳор!
Бо ин ҳама буду набуд,
Умр аз мо меравад ҳамчун баҳори деру зуд.
Саҳнаи ҳастии бозиро нигар, –
Ибтидо фаввораҳои оташем!
Дар камин хокистарему коми дуд.

Гуфтаам соҳибдилеро, як замон
Аз нигоҳи хештан,
падруд…
падруд,
В-аз нигохи кӯрбини чашми дил мехурам
афсӯс- афсӯс,

Лек аз ин падруди пур аз дардҳо,
Талх мегирям, чу борон…
Худ бигӯ з-он соғари бишкастаро
дигар чӣ суд?

Гоҳ аз эҳсоси рангини дилам
Чеҳраи поки арӯсии туро
Хубтар аз ҳусни духтар мекашам,
Гоҳ ман сармасти атри ёсуман,
Кӯзаро дар нақши соғар мекашам.
Об мегардам чу ях дар оташат,
Дардро чун ранҷи ханҷар мекашам.
Ногузир дар қалби санги орзу
Дар қатори сабзаҳо сар мекашам…

## ПАСИ ЯК РӮЗИ БАҲОР

Гоҳ дар сурати зебои баҳор
Чеҳраи абри парешон бинам,
Дар паси панҷараи долонам
Қатраи гиряи борон бинам.

Гоҳ аз новаки чашмони дилам
Шабнами поки саҳар мерезад,
Гоҳ ин дуди ғами танҳоӣ
Аз тамоми баданам бархезад.

Паси як хандаи истораи шаб,
Паси як рӯзи баҳор…
Паси он ишқи навини гули ёр,
Рафтӣ…
Ва туро бурд ҳавою ҳавасат,
Ва ту мурғи зи қафас озодӣ,
Вой з-ин гуна сафову шодӣ,
Войи ин манзили ноободӣ,
Паси як хандаи истораи шаб
Моҳро, ҷони ман, аз каф додӣ!

Чеҳраи аслии зебои туро
Кам зи пешина шукуфон бинам.
Хотири барги ҳавасҳои туро
Чун хазонрез парешон бинам.

Боз имрӯз чу дирӯза гузашт,
Боз донам, ки ҳанӯз
Кунҷи дил з-ишқи ту уммеде ҳаст.
Боз ин сояи пайки ману ту
Сурати хеш ба ин сирати мову ту бибаст.
Боз андӯҳ дили ғамзадаамро бишкаст,

Ин хазонрез дигар ёри ту нест…
Дигар аз пушти ғаму додани озори ту нест.
Ашк аз чашми дили ман ҷорист
Холатам беморист,
Шояд анҷоми ҳавасхои дилам
Зулмати худхорист.

Дили шабро ба дуо рӯз кунам,
Соати деворам,
Шонаю дасторам,
Қафаси тангу дили афгорам,
Қалами аз ғами ишқи ту ҳама пурхорам,
Ҳама донанд, ки ҷоят холист...
Паси як рузи баҳор…

## БИГИРЯМ ЗОР-ЗОР

Эй шамими атри борон аз насими навбаҳор,
Эй тамузи ҳузни чашмоне,ки будам интизор.
Чун садои набзи бороне ба гӯшам мондагор,
Мехарошад синаамро нохуни ин рӯзгор.

Меҳрубониву танӯри гарми модар ёд бод,
Кокули нобофта, афшони хоҳар ёд бод!
Он ғурури носабури ишқи аввал ёд бод,
Номаҳои пур зи дарди рӯи дафтар ёд бод!

Монд дар хотираҳои дафтари ишқу хаёл
Шуълаи чашмони зебои хуморолуди ёр.
Монд дар хотир нигоҳи аввалину охирин,
Бӯи садбарги сафеду лолаҳои кӯҳсор.

Зарбаҳои зиндагиву сарнавишти пур зи дард,
Ғурбати мулки ғарибӣ, дур аз ёру диёр,
Ишқи дар он гӯшаи олам фаромушгаштае,
Кас надорад интихоби бахтро дар ихтиёр.

Саҳнаи бозии қисмат нақшҳои мондагор,
Он ғуруби дилситон аз шуълаи чашмони ёр.
Шарбати афшурдаи дастони модар ёд бод!
Он ҷамоли ҳамчу маҳтоби бародар ёд бод!

Рӯзҳои шодие, ки рафт аз сар, ёд бод,
Гирди дастархон нишастанҳои додар ёд бод!
Эй тамузи ҳузни чашмоне, ки будам интизор,
Бо садои набзи борон ман бигирям зор-зор.

# МУНДАРИЧА

## ГУЛРЕЗИ ХАЁЛ
*(ғазалҳо)*

Дил аз ҳарфу суханҳои ту кӯдакввор мегиряд .................... 4
Ёр Раб! Ба дӯши ёр чӣ бори гарон шудам.......................... 5
Маро ин бозии дунё гаҳе мушкил ҳамеафтад.................... 6
Дило, ҳамсуҳбати он бош, к-ӯ қадри сухан донад ............ 7
Зи хазони тирамоҳам нафаси баҳор ояд............................. 8
Зи ту Хуршед кай хоҳам, маро шамъи дилам кофист ...... 9
Эй дил, хабар надорӣ, ёр аз макони ман рафт ................ 10
Шӯру исёни дигар дорад дили афгори ман...................... 11
Ман замоне аз канори кӯҳу дарё меравам ....................... 12
Гули ёсам шукуфад, боз туро меҷӯям ............................ 13
Ғазале барои модар ......................................................... 14
Зангӯлаи муҳаббати ин анҷуман туӣ,.............................. 15
Навбаҳор аст, чу гул васф кунам рӯи туро ..................... 16
Хӯшае ночида ёди пораи нон мекунем ............................ 17
Эй ишқ, маранҷон ту дили хастаи моро........................... 18
Диламро боди ғам бар дасти сармои зимистон дод........ 19
Ошиқонро зиндагӣ бе дурру гавҳар хуш бувад............... 20
Шишаро аз соғари пурмай ҷудо кардам, нашуд ............. 21
Монд дар равзанаҳо ёди висоли ману ту ........................ 22
Меписандам як ду чизи хосро.......................................... 23
Зи пешам пардаи асрор бигзашт...................................... 24
Диле дорам, дили дарё надорад ...................................... 25
Нек бингар, дар раҳи қисмат чиҳо додам туро............... 26
Тарки ишқу тарки дунёи ситамгар мекунам.................... 27
Дилам дар кӯчабоғи зиндагӣ танҳост, медонӣ?! ............ 28
Соғаре аз дасти соқӣ бишканад гар, бок нест.................. 29
Ҳанӯз дар ниҳоди ман ҳамон нигоҳи оташин ................. 30
Ту мапиндор, ки ман отифаи бебокам............................. 31

Бо бӯи ту гирам нафас, то ҳастаму то ҳастӣ ту................32
Бо он, ки намедонем мо қоидаи таҳвил ...........................33
Дар осмони шоми ту истораи камнур ман .......................34
Бе ту дар боғи биҳиште дами беғам назанам ...................35
Сар ба хоки қадаму пои ту монам, чӣ шавад?..................36
Саҳар мурғи дилам бо нағмаи ночӯр мегиряд ..................37
То туро дорам, ҳадаф бошад барои буданам....................38
Баъди ман осори рангини маро.........................................39
Нагӯ, ки риштаи вафо зи кӯи ту гусастаам......................40
Ман аз баҳори ҳар ҳавас, медон, намесозам гузар ..........41
Садҳо ғазал фидост ба лутфу кироми дӯст.......................42
Чун бод аз дунболи ту овора гардам кӯ ба кӯ .................43
Эй дил, зи ёри бевафо танҳоӣ беҳтар будааст..................44
Субҳи Наврӯз дамид, сайри чаман хост дилам ................45
Ҳастии модар ба фарзандони Одам давлат аст ................46
Гаҳе аз шуълаи Хуршед сӯзад хирмани гандум .............47
Ба ту ман гуфта будам, лоиқи дидор наӣ.........................48
Дар олами зебои худ ҳусни ҷамолат мекашам.................49
Ҳар чӣ ман дорам, бароят сарфи дунё мекунам..............50
Сукутам нола дорад дар шаби тор ...................................51
Умри мо гоҳ аён гоҳ ниҳон мегузарад .............................52
Бархез ба бисмиллоҳ, бикшой дари хона ........................53
Бимон, дар хилвати шабҳои ту файзи саҳар резам..........54
Мужда, эй лолаи хушранг, ки Наврӯз омад .....................55
Хуб донистам, ки нодорӣ сахоро бишканад,....................56
Гумон кардам, ҷаҳон бе ту бароям тангу тор имшаб ......57
Ба ёрони мусофир лаҳзаи дидор мехоҳам .......................58
Пар мезанад болу парам мисли баҳори кӯдакӣ................59
Ту мисли най навозӣ боз оҳанги ҷудоиро .......................60
Будам як навниҳолу қад кашидам дар канори ту ...........61
Биё, эй осмони ман, биё, эй Моҳу Парвинам..................62
Сафои рӯзгори ман ту бошӣ.............................................63
Худоё, қуввате бахшо шукӯҳу қудрати моро...................64
Боз меоям ба сӯят, эй садои сози ман .............................65

Ман баҳори тозаю субҳи сафоро дӯст дорам ................. 66
Эй, бе ту боғи ишқам файзу самар надорад..................... 67
Бар туъмаи гургони биёбон ҳавас макун ......................... 68
Зиндагӣ пайроҳаи душвор дорад, ғам махӯр .................. 69
«Ӯ чӣ медонад, ки ҷони нотавонамро чӣ шуд?» ............. 70
Фасли баҳорам меравад, чун ғунча пинҳонам ҳанӯз ...... 71
Эй он, ки бе ту бо ту пайваста дар тамосам..................... 72
Бе ту андуҳи ҷудоӣ дар дилам маъво гирифт. ................. 73
Магзор, бе ту ин гули рӯям хазон шавад ........................ 74
Бархез, баҳор омад бар кулбаи эҳзонам.......................... 75
То рӯзи зимистон бишумурдам, баҳор шуд..................... 76
Чун камон чанг занад бе ту қади шамшодам.................. 77
Тундбоде гар вазад, хотир парешон мешавад ................. 78

## МЕҲРОБИ РОЗ
*(шеърҳо)*

Фишори сояҳои ғам........................................................... 80
Самарқандам....................................................................... 82
Хумори дидор .................................................................... 84
Роз бо шеър ....................................................................... 86
Як замон дар домани кӯҳу дара ....................................... 88
Тира мегардад дилам чун абрҳои тирагун ...................... 89
Барои модарам ................................................................... 90
Сатрҳоямро бихон .............................................................. 91
Парии кӯчаки афсонаи ман ............................................... 92
Зи баҳорони нави тозаю тар ............................................. 93
Маро рӯзи ҷудоӣ аз тани ту............................................... 95
Гуфтугӯ бо хазон ............................................................... 96
Интизорам бош ................................................................... 97
Илтиҷо аз ишқ.................................................................... 99
Роҳи бебозгашт.................................................................. 101
Гирдоби хаёл...................................................................... 103
Уқдаи дил .......................................................................... 104

Барфӣ........105
Дар бистари гулпӯш........106
Зодгоҳам........107
Ҳамчу борон........108
Ишқ бошад........109
Шеър........110
Ҳамрози борон........111
Оҳанги ишқ........112
Амуғони сабз........113
Муроди дил........114
Мактабам........115
Мазан кӯза даруни ҷӯйи пургил........116
Ман кистам........118
Дафтари қисмат........121
Кӯдаконам........122
Мусофирбаччаи танҳои модар........124
Азм........126
Баҳори сабзчашм........127
Паси як рӯзи баҳор........129
Бигирям зор-зор........131

Китоб бо тамғаи нашриёти «Адиб» чоп шудааст.

**САНО**
**(Санавбари Солеҳ)**

# ПАЙРОҲАИ ТАҚДИР

*(маҷмӯаи шеърҳо)*

Муҳаррири ороиш *Ромиш Шералӣ*
Муҳаррири саҳифабандӣ *Орзу Раҳмонӣ*

Ба матбаа 9.06.2016. супорида шуд.
Чопаш 14.06.2016. ба имзо расид. Андозаи 60x84 1/16.
Ҷузъи чопӣ 8,5. Адади нашр 1000 нусха.

Муассисаи нашриявии «Адиб»-и
Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон
734018, ш.Душанбе, кӯчаи Н.Қаробоев 17а

Дар чопхонаи «Офсет-Империя» чоп шудааст.